ТОҶИКИСТОН БА ТУРКИЯ ЧӢ КУМАК КАРД? с.2

МАСҶИДИ БУЗУРГИ ДУШАНБЕ КАЙ БОЗ МЕШАВАД? с.5

ВАЗОРАТ КОР МЕОФАРАД Ё МУСИБАТ? с.7

# ТОҶИКИСТОН

№6 (1517)
08.02.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~



# СОДИРОТ МАНЪ ШУДУ БОЗ ҚИММАТӢ. ЧАРО?









**ОТКРОЙТЕ СВОЙ БИЗНЕС В ИНТЕРНЕТ!**

У Вас есть **товар** или **услуга**?
Неважно, какого размера Ваш бизнес!
Вы легко можете продвинуть его и рассказать о себе сотням тысяч потенциальных клиентов.

Звоните и узнайте **КАК**?
Матадор - Партнер Медиа-группы ОИЛА

Matador

ОИЛА

+992 711 22 7777 Сайт **matador.tj** Почта **info@matador.tj**

**АЛИШЕР ҶАЛИЛОВ:**
Гузаштан ба "АГМК" бадтарин қарори ман буд! с.10

**ГУЛСИФАТ ШАҲИДӢ:**
Ҷоиза муҳим нест, вале он нерӯ мебахшад с.9

**МУШКИЛОТ**
Вазорат, канӣ назорат? с.6

**НОШУНАВОЁН**
Фармони президент иҷро нашуд! с.11

**СОЛИ 2022**
10 маҳсулоте, ки нархашон гарон шуд с.5

**ХАДАМОТИ ИҶРО**
398 нафарро меҷӯяд. Чаро? с.7

**БАЪДИ ЗАМИНЛАРЗА**
Назорати сифати биноҳо дар Душанбе пурзӯр мешавад с.3

**КАНЗИ ШИФО**
3 роҳи осони табобати камхунӣ с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фазлиддин АСОЗОДА,**
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

## КУМАКИ ТОҶИКИСТОН БА ТУРКИЯ

**Тоҷикистон шоми 8 феврал ба Туркия кумаки башардӯстона ва 50 нафар имдодгаронро мефиристад. Дар ин бора аз Кумитаи ҳолатҳои фавқулодаи кишвар хабар медиҳанд.**

Ёдовар мешавем, ки сокинони Душанбе низ даъвати кумак ба осебдидагон аз заминларза дар Туркияро дастгирӣ намуда, аз 7 феврал ба сафорати Туркия, ки дар он ҷо нуқтаи ҷамъоварии кумак боз шудааст, либоси гарм ва дигар лавозимоти зарурӣ меоранд.

Кумаки башардӯстонаи ҳукумат, кумаки ҷамъовардашуда ва наҷотдиҳандагон тариқи ҳавопаймои ширкати "Хатҳои ҳавоии Туркия" ба Туркия фиристода мешаванд. Гуфта мешавад, ки ба ҳайати гурӯҳ имдодгарони соҳибтаҷриба, табиби ҷарроҳ ва ҷароҳатбанд низ шомиланд.

**Ёдовар мешавем, ки дар сафорати Туркия дар Тоҷикистон ҷамъоварии кумак барои осебдидагон аз заминларза идома дорад.**

**Суроға ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17/2.**

**Телефонҳои сафорат: 487024100 ва 487024108**

## ҲАЛОКАТИ 160 НАФАР ҲАНГОМИ ШИНОВАРӢ

**Давоми соли 2022 дар кишвар 160 нафар ҳангоми шиноварӣ ғарқ шуда, ба ҳалокат расидаанд.**

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ Имомалӣ Иброҳимзода - муовини раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании Тоҷикистон хабар дод.

Ҳамзамон, қайд карда шуд, ки наҷотдиҳандагон дар ин давра 44 нафари ғарқшударо наҷот доданд. Дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ 697 ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 46 офати табиӣ ба аҳолӣ ва иқтисодиёти ҷумҳурӣ зарар расонидаанд. Ин омор дар соли 2021-ум 359 ададро ташкил медод.

## СУД БА "ТОҶПРОМБОНК" МУҲЛАТ ДОД

**Суди иқтисодии шаҳри Душанбе барои барҳам додани "Тоҷпромбонк" ним соли дигар муҳлат додааст. Ин бонк соли 2017 муфлис эълон шуда буд, аммо мақомот то ҳол натавонистаанд, ки онро пурра барҳам диҳанд.**

Рустам Мирзозода - раиси Суди Олии иқтисодии Тоҷикистон гуфт: "Баъзе аз омилхое ҳастанд, ки барои барҳамдиҳӣ мушкилӣ пеш меоранд". Аз ҷумла, ба қавли ӯ, то ҳол баъзе аз муштариён қарзи гирифтаи худро барнагардонидаанд ва бонк ҳам пули амонатгузоронро боздас надод. Рустам Мирзозода мегӯяд, ки то ин омилҳо бартараф нашаванд, барҳам додани бонк ғайриимкон аст.

## ЧАРО ДАР ХАТЛОН ТАБИБ НАМЕРАСАД?

**Сабаби норасоии табибон дар минтақаҳои Тоҷикистон ба Русия барои кор рафтани мутахассисони варзидаи соҳаи тибби кишвар будааст. Дар ин бора Убайдулло Қурбон, ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон рӯзи 8-уми феврал дар нишасти хабарӣ иттилоъ дод.**

Ӯ, ки ба саволи рӯзноманигорон дар хусуси сабаби норасоии 500 табиб дар минтақаи Кӯлоб посух медод, гуфт, ҳар сол Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон ва дигар донишгоҳҳои тиббии хориҷиро мутахассисон зиёд хатм мекунанд, вале сабаби норасоии табибон тарки Ватан карда, ба Русия барои кор рафтани аксари табибони пуртаҷриба мебошад.



*Семён Григорев бо Рашид Каримови 110-сола*

## ДИПЛОМАТИ РУС ИШТИРОКЧИИ ҶБВ-РО АЁДАТ КАРД

**Семён Григорев - сафири Русия дар Тоҷикистон ба аёдати куҳансарбози Ҷанги Бузурги Ватанӣ Рашид Каримов рафт. Номбурда 110 сол дошта, дар деҳаи Шоҳамбарии шаҳри Ҳисор зиндагӣ дорад.**

Семён Григорев куҳансарбозро ба муносибати 80-солагии шикасти олмони фашистӣ аз сӯи артиши Иттиҳоди Шӯравӣ дар муҳорибаи Сталинград табрик намуд ва ба ӯ ёрии моддӣ тақдим кард.

Рашид Каримов моҳи сентябри соли 1942 ба сафи Артиши Сурх даъват шуда, дар муҳорибаҳои назди Сталинград иштирок намудааст.

Ӯ дар муҳорибаҳои назди Сталинград иштирок карда, ғалабаро дар Берлин пешвоз гирифт.

### ТАЛОШ БАРОИ ҲУҶҶАТИ РУСӢ

Вазорати корҳои дохилии Русия шумораи тоҷикистониҳоеро эълон кард, ки дар соли 2022 дар Федератсияи Русия шаҳрвандӣ, санади иқомати доимӣ (ВНЖ) ва ҳуҷҷати иқомати муваққатӣ (РВП) гирифтаанд.
**Ин омор чунин аст:**

| | |
|---|---|
| Шаҳрвандӣ гирифтанд | 173,6 ҳазор нафар |
| ВНЖ доранд | 118 ҳазор нафар |
| РВП доранд | 48 ҳазор нафар |

## САРИ САБЗ



**Саидҷаъфар УСМОНЗОДА,**
**раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон**

**- Мо борҳо истеъфои масъулини баландпояро дар парлумон талаб кардем. Аз ҷумла, дар як ҷаласа истеъфои собиқ раиси Бонки миллӣ Ҷамшед Нурмуҳаммадзодаро талаб кардем. Маҳз дар пайи шикояти мо ӯро аз вазифа сабукдӯш карданд.**

*- Шарт набудагист ҳамин ҳолатҳоро ошкор кардан, ҷаноби раис! Боз нашавад, ки ҳизби шуморо ҳамчун "ҳизби сарҳӯр" шиносанд?*



**Ширин АМОНЗОДА,**
**собиқ вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ**

**- Бештари вақт дар хона ҳастам. Бояд гӯям, ки дар хона будан маънои бекориро надорад. Ба мутолиа машғулам. Ба китобхонаҳо сар мезанам, маҳзанҳои илмиро варақгардон мекунам, мехонам, менависам, пажуҳиш мебарам.**

*- Дуруст мегӯед, сад фоиз дуруст. Масалан, дар кор будан ҳам бисёр вақт маънои кор кардан ё серкор буданро надорад.*



**Аъзамҷон ДОДОҶОНОВ,**
**рассом, гаҷкор ва ҳайкалтароши тоҷик**

**- Мо вақте ба Тунис рафтем, рассомони он ҷо дар рӯйи чарм тасвир мекарданд. Аммо дар рӯйи чарм тавсир кардан нозукиҳои худро дорад. Масалан, агар чарм нағз коркард нашавад, бо мурури вақт кашиш хӯрда, тасвири рӯйи он тағйир меёбад.**

*- Ин баҳонаи воқеӣ ва ҷиддӣ шуда наметавонад. Шумо ҳам кӯшиш кунед, ки чарм нағз коркард шавад!*

**СОДИРОТИ ПИЁЗУ КАРТОШКА, САБЗӢ - КУ МАНЪ ШУД, АММО ЧАРО БОЗ ҚИММАТИСТ? ИН СУОЛЕСТ, КИ САРИ ҲАР ҚАДАМ ДАР БОЗОР, ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ БА МУШОҲИДА МЕРАСАД. ВОҚЕАН, ПАС АЗ ЭЪЛОНИ МАНЪИ СОДИРОТИ САБЗИЮ ПИЁЗ ВА КАРТОШКА БА ХОРИҶ, ДАР БОЗОРҲОИ КИШВАР ИН НАМУДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ҲОЛО ҲАМ ГАРОН ВА БОЗ АЗ ТАРАФИ ФУРӮШАНДАҲОИ “БОИНСОФ” МАЙЛИ БОЛОРАВӢ ДОРАД.**



# СОДИРОТ МАНЪ ШУДУ БОЗ ҚИММАТӢ. ЧАРО?

**Чор маротиба гарон**

“Бардорад, зам кун, набардорад, кам кун” ба як шиор дар бозорҳои мо табдил ёфтааст. Бо вуҷуди эродҳои ахир дар ҷаласаи Ҳукумати кишвар нисбат ба гаронии нархи маҳсулот, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, беназорати масъулини блоки иқтисодӣ нисбат ба танзиму назорати бозор ва дигар мушкилоти ҷойдошта, ҳамоно нархи пиёзу картошка ва дигар хӯроки ниёзи аввал мувофиқ ба ҷайби мардум нест. Дар нуқтаҳои фурӯши маҳсулот дар бозорҳои “Деҳқон”, “Саховат”-и шаҳри Душанбе бараъло мушоҳида мешавад, ки нарх дигару амали фурӯшандаҳо дигар. Аҷиб, ин ба хотири хок пошидан ба чашми масъулин бошад ё фиреби мардум?

Вақте масъулини Вазорати кишоварзӣ гуфтанд, ки содироти картошкаву пиёз ва сабзӣ манъ шуд, аммо то имрӯз ин намуди маҳсулоти кишоварзӣ паст нашудааст. Баръакс, рӯ ба болоравӣ аст. Ҳол он ки, нархи сӯзишворӣ низ бамаротиб паст шуду масъулин, аз ҷумла “Тоҷикматлубот” ваъдаи бароварвдани маҳсулоти захиравии худро ба бозор карданд. Ҳоло 1 кг картошка 4-5 сомонӣ, пиёз 8-10 сомонӣ, сабзӣ 3-4 сомонӣ аст. Аммо асосан якбора гарон шудани нархи пиёз дар ҷумҳурӣ нигаронии ҷомеаро ба миён овардааст. Ҳоло мисле, ки хурӯс дар ҳама ҷо як хел ҷеғ мезанад, нархи пиёз аз 10 сомонӣ бештар аст. Аҷиб, ҳатто дар минтақаҳои асосии истеҳсоли пиёз, яъне вилоятҳои Суғду Хатлон ҳам чунин нарх аст. Агар нархи пиёзро ба ҳамин давраи соли гузашта муқоиса намоем, чор маротиба гарон шудааст.

**Камчин шуд ё сармо заду содирот бештар?**

Фурӯшандаҳо дар суҳбат изҳор медоранд, ки имсол пиёз камчин шуд ва бинобар ин, нархи он боло рафт. Масъулини соҳаи кишоварзӣ бошанд, сармои охирро сабаб пеш меоранд, ки боиси талаф ёфтани пиёз гашт. Бархеи дигар ба ин боваранд, ки содироти пиёз ба хориҷ бештар шуд. Дар соли гузашта соҳибкорон аз Русия ба Тоҷикистон омада, барои харидани маҳсулоти кишоварзӣ шартнома бастанд.

- Ҳоло пиёз дар бозор камчин аст. Мо худамон бо нархи баланд мехарем ва ба болояш харҷи роҳу фоидаамонро зам карда, ба фурӯш мегузорем,- мегӯяд яке аз фурӯшандагони бозори “Саховат”-и шаҳри Душанбе.

Агар ба моҳи январи соли гузашта нигарем, нархи чаканаи пиёз дар бозорҳои кишвар 2 сомонӣ то 2 сомонию 50 дирамро ташкил медод. Ҳоло 1 кг пиёз ба 9-10 сомонӣ расидааст. Мегӯянд, ки нархи пиёзро танҳо ҳосили навбатӣ паст карда метавонад. Аммо то ҷамъоварии ҳосили навбатӣ қариб се моҳи дигар вақт ҳаст. Пас, то ин муддат арзиши пиёз чанд сомонӣ мешуда бошад? Ба назари таҳлилгарон, агар назорати ҷиддӣ дар бозор ва танзими нарх набошад, боз қимматӣ идома меёбад. Суол ба миён меояд, ки ин масъулият бар зиммаи кист? Албатта, Ҳадамоти зиддиинҳисорӣ, ки сиёсати ягонаи танзиму назорати нархҳо ба зимма дорад ва Вазорати рушди иқтисод ва савдову роҳбарони бозорҳо.

(Давомаш дар саҳ.8)

*Мавқеъ*



Бахтиёр ҲАМДАМОВ

## ДУОИ ХАЙР...

**Муддате пас аз вазифа рафтанам дар яке аз кӯчаҳои шаҳр ҷамъе аз “дӯстон”-и мансабдорро дидам, ки дар соате фориғ аз кор ба хӯрдани наҳор мерафтанд. Бандаро бо чеҳраҳои кушод ва ба шодиву нишот канор гирифтанд, гӯё сад сол аст, ки ҳамдигарро надидаем ва бо ҷабри қазо аз ҳам буридаем.**

Ҳар яке маро ба наҳве сифат мекард. Яке мегуфт:

- Аҳсан! Хеле ҷавон шудӣ. Рӯят нав банур шудааст, ғам аз чеҳраат дур шудааст!

Дувумӣ тасдиқ мекард:

- Бале! Кас гумон мекунад, ки на паршикастай, балки ба аспи саодат нишастай!

Савумӣ хушомадомез мегуфт:

- Дуруст гуфтед, раиси мухтарам! Гӯё, ки на аз вазифа рафтааст, балки аз ғаму ғусса растааст!

Дигар “бузургон” низ бо ваҷоҳати тинҷу лабони инҷ сар меҷунбониданд...

Ба соддагии худ пиндоштам, ки самимӣ ҳарф мезананд, хеле мутаассир шудам ва хостам аз сабони лол чанд ҳарфи меҳр бароварам ва ба хушнудиашон дасти дуо бардорам.

Гуфтам:

(Давомаш дар саҳ.6)

*Аз нишасти матбуотӣ*

## ЗАМИНЛАРЗА ДАР ТУРКИЯ, НИГАРОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН



**Тоҷикистон аз нигоҳи заминҷунбӣ дар минтақаи нисбатан оромтар ҷой гирифтааст. Дар ин бора президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ зимни нишасти матбуотӣ изҳор дошт.**

Ӯ гуфт, ки заминларзаи шадид аслан дар минтақаи кӯҳҳои ҷавон сар мезанад ва чунин минтақаҳои зилзилахез бештар дар қаламрави Афғонистон, кӯҳҳои Ҳиндукуш ва Ҳимолой ҷойгир мебошанд.

Хабар дода шуд, ки ҳар сол ҳудуди 20 ҳазор заминларза дар Тоҷикистон ба вуқуъ мепайвандад. Аз ин шумора танҳо аз 30 то 35 заминларза эҳсосшаванда мебошанд. Қавитарин заминларза дар таърихи кишвар 7,2 балл будааст.

Нигаронии сокинони Тоҷикистон дар ҳолест, ки ахиран Туркия ва Сурияро заминларзаи шадид такон дод. Сокинони Тоҷикистон низ аз сифати биноҳои баландошёна нигаронӣ мекунанд.

## НАЗОРАТИ БУНЁДИ БИНОҲО ПУРЗӮР МЕШАВАД



**Масъулини Кумитаи сохтмон ва меъморӣ дар пайи заминларзаи шадид дар Туркия назорати мустаҳкам сохтани биноҳои бунёдшударо пурзӯр хоҳанд кард.**

“Биноҳои баландошёнае, ки дар шаҳри Душанбе сохта шудаанд ё сохта мешаванд, барои тобовар ба заминларзаи 8,5 - 9 балл пешбинӣ шудаанд”, - гуфт дар нишасти матбуотӣ раиси Кумитаи сохтмон ва меъмории Тоҷикистон Низом Мирзозода.

Ба гуфтаи номбурда, барои бунёди иншоот дар ҷумҳурӣ вобаста ба минтақа бо назардошти фаъолияти сейсмикии маҳаллӣ иҷозат дода мешавад. Ҳамчунин, дар нишасти матбуотӣ қайд гардид, ки пас аз заминларза дар Туркия ба масъалаи мустаҳкамии биноҳо, аз ҷумла, биноҳои истиқоматӣ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад.

Кумита барои санҷидани мустаҳкамии таҳкурсии иншооти сохташаванда озмоишгоҳи виҷа ташкил хоҳад кард ва ин гуна санҷишҳо хатмӣ хоҳанд шуд.

## АҲМАДЗОДА: БА СУЛҲ УМЕД МЕБАНДЕМ



**Оғози моҳи феврал дар тарабхонаи “Тоҷи Заррин”-и ҷамоати деҳоти Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мулоқот ва гуфтушуниди намояндагони вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Ботканди Ҷумҳурии Қирғизистон доир гардид.**

Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дар нишасти матбуотӣ ҷузъиёти мулоқоти муштаракро ба рӯзноманигорон гуфт.

“Дар воҳӯрӣ сар назадани баҳси навбатӣ ва пешгирии ҳама намуди низоъ дар марз баррасӣ шуд. Ба хулосае омадем, ки минбаъд масъалаи об мувофиқи ченакҳои банақшагирифта дода мешавад, ҳамагуна машқҳои тактикии ҳарбӣ дар назди сарҳад гузаронида намешавад, парвози бесарнишинҳо низ дар минтақаи марзӣ ба назорат гирифта мешавад” - гуфт Раҷаббой Аҳмадзода.

Дар мулоқот наздики 40 нафар аз ҳар ду ҷониб иштирок намуданд. Ҳамчунин гуфта шуд, ки масъалаҳои наздисарҳадӣ танҳо бояд дар назорати сарҳадбонон бошад ва дигар мақомот набояд ба масъалаҳои марзӣ дахолат намоянд.

# ДУШМАНИ ТОҶИКОН, ДАР ОРЗУИ БАРҚИ ТОҶИКИСТОН



**Парвиз Мушарраф, генерали бознишаста ва раисҷумҳури собиқи Покистон даргузашт. Ӯ 80 сол дошт ва аз заъфи масуният бадан ранҷ мекашид.**

Оқои Мушарраф тайи як табаддулоти бе хунрезӣ дар соли 1999 ба қудрат расид ва султаи артишро бар кишвараш чирра кард.

Мушарраф, зодаи Деҳлӣ дар соли 1943, баъди пора шудани Ҳинди бритонёӣ ба Ҳиндустону Покистон, ба шаҳри Карочии Покистон ҳиҷрат кард ва сахтиҳову талхиҳоеро аз сар гузаронд.

Аз пиллаҳои хидмати низомӣ хуб боло рафт ва дар рӯёрӯиҳо бо Ҳинд хуб дурахшид ва гуфта мешавад, воқеаи маъруф ба "Каргил"-ро ӯ муҳандисӣ карда.

Муддате дар Туркия зисту аз андешаву дидгоҳҳои Мустафо Камол Отатурк сахт мутаассир шуд ва замони ба қудрат расидан, талош кард, то таҷрибаи ӯро дар кишвари динбунёди худ такрор кунад.

Мушарраф нахустин сиёсатгари покистонӣ дар таърих буд, ки барои аввалин бор шиори "Пеш аз ҳама Покистон"-ро сар доду бо мухолифатҳои шадиди мазҳабиён рӯ ба рӯ шуд. Аз тарафи дигар, дар биниши динии кишвару мардумаш ҳам хост тағйире эҷод кунад. Ба бовари ӯ, Ислом дар Покистон ниёз ба рӯшангарии мудерн дошт. Аз инҷо буд, ки сиёсати "Enlightened Moderation"-ро муаррифӣ кард, аммо натиҷааш баръакс шуд.

Дар сиёсати хориҷии кишвараш дар Афғонистон бо картаи миллиятӣ бозӣ кард.

Аз тоҷикони Афғонистон дилхӯрагӣ дошт ва хашми кӯҳнаи кохнишинони Исломбодро дар қиболи тоҷикони Афғонистон, ки муқовиматашон нагузошт Покистон Афғонистонро аз худ кунад, пинҳон намекард. Муносиботи Аҳмадшоҳ Масъуд бо Ҳинд - рақиби дерина ва ҳамсояи нохуби Покистон - бар оташи хашми ҷанролони покистонӣ равған мерехт. Вақти аз тоҷикони Афғонистон сухан заданаш онҳоро як ақаллияти ками беарзиш мехонд ва ҳатто аз бурдани вожаи тоҷик бар забон зиёд роҳат набуд. Тоҷикони Афғонистонро панҷшерӣ мехонд ва мегуфт онҳо 5 - 10 дарсади ҷамъияти Афғонистонро ташкил медиҳанд.

Дар даврони қудрат дар даст доштанаш аз Тоҷикистон ҳам дидан кард ва бо иқтидори энергетикӣ ва тарҳи "Роғун" ошно шуд. Ӯ дар корзори интихоботияш барои раёсати ҷумҳурӣ дар баробари мардумони камбизоату нодори минтақаҳои шимоли Покистон суханронӣ мекарду онҳоро ваъда медод, ки барояшон аз Тоҷикистон барқ меёрад ва ба ақибмондагиву фақрашон хотима медиҳад. Ӯ ба сароҳат мегуфт "дар Тоҷикистон барқ хеле зиёд аст".

Мушарраф дар 2001 ба пурсиши Ҷорҷ Буши хурдӣ, ки "бо мо ӣ ё алайҳи мо", посухи мусбат доду ба расмият шинохтани Толибон дар Афғонистонро лағв кард ва сафири Толибон Мулло Абдуссалом Заъифро дудаста ба Амрикоиҳо пешкаш кард.

Сипас, бо фирориёни гурӯҳҳои тундрави мазҳабӣ ба Покистон, тиҷорати бузургеро бо ИМА пеш бурд. Ашхосу афроди маъруфи Толибону ал-Қоида-ро дастгир мекарду дар бадали дарёфти инъомҳои калон ба ИМА месупорид. Нерӯҳои демократӣ ва мазҳабӣ талошҳои зиёде барои барандозии ӯ мекарданд. Дар замони ҳукмронии ӯ буд, ки Беназир Буту маъруф ба "духтари шарқ" ба қатл расид.

Дар 2008 оқои Мушарраф аз қудрат канор зада шуду аз ватанаш фирорӣ шуд. Китоби машҳуреро ҳам бо унвони " Дар чабҳаи оташ" ба дасти чоп супориду солҳо дар конфронсу нишастҳои гуногун дар кишварҳои мухталиф аз таҷрибаи ҳукуматдорияш сухан кард.

Даврони пирияшро Парвиз Мушарраф дар диёри ғурбат сипарӣ карду аз ранҷу дарду беморӣ мисли як амири бебатан, дар Дубай даргузашт.

**Саъдӣ ВОРИСОВ**

*Аз нишасти матбуотӣ*



# ФОҶЕАИ ГӮШНОШУНИД

## Фавти беш аз 10 ҳазор нафар дар заминларза

**Бо гузашти қариб 3 рӯз аз ду заминларзаи пурқурбонӣ ва харобиовар дар Туркияву Сурия шонси зинда пайдо кардани одамон аз зери харобаҳои биноҳои фурӯрафта торафт камтару камтар мешавад.**

Шумораи ҳалокшудагон, бино ба охирин маълумот, ба 10 ҳазор расидааст. Агентии ҳолатҳои фавқулодаи Туркия рӯзи 8-уми феврал ҳалокати беш аз 7 ҳазор нафарро тасдиқ карда, матбуоти давлатии Сурия аз ҳалокати қариб 3 000 нафар дар ин кишвар хабар медиҳад. Бо он ки шумораи қурбониён ҳамчунон меафзояд, боз ҳам мардуми зиёде дар зери харобаҳои биноҳои фурӯрафта боқӣ мемонанд. Шонси зинда пайдо кардани онҳо, бахусус дар ин рӯзҳои сарди зимистон, торафт камтару камтар мешавад.

Дар Сурия вазъиятро ҷанги ҷандинсолаи шаҳрвандӣ боз ҳам печидатар кардааст, зеро бисёре аз манотиқи офатзада барои начотбахшон ва созмонҳои кумакрасон дастнорас боқӣ мемонанд. Миллионҳо гуреза аз Сурия дар ҷануби Туркия дар кулбаҳои муваққате умр ба сар мебуранд, ки саросема сохта шуда, ба чунин заминларзаҳои сангин тобовар набуданд.

Ёдовар мешавем, ки заминларзаи аввал бо иқтидори 7,8 балл тибқи ҷадвали Рихтер субҳи барвақти 6-уми феврал, соати 04:17 ба вақти маҳаллӣ, замоне рух дод, ки аксари мардум ҳанӯз масти хоб буданд. Маркази ин заминларза, ки бистари заминро дар умқи 17,9 километр ларзонд, дар наздикии шаҳри таърихии Ғозиёнтеппа дар ҷанубушарқи Туркия ҷойгир шуда буд. Заминларзаи сангини дуюм бо иқтидори 7,5 балл тибқи ҷадвали Рихтер, соати 13:30 ба вақти маҳаллӣ рух дод. Маркази ин офати табиӣ мавзеи Элбистон дар вилояти Қаҳрамонмараш дар ҷанубушарқи Туркия буд. Дар пайи ин ду заминларзаи сангин боз ҳудуди 100 пасларзаи заифтар рух дод. Дар умқи ҳамагӣ 18 километр рух додани ин заминларзаҳо боиси харобиҳои бештар дар рӯи замин шуд.

# ПУЛИ ДАВРАИ ТАЪТИЛ ПАРДОХТ НАМЕШАВАД



**Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон эълон кард, ки волидайн маблағи таҳсили иловагӣ ва боғчаҳоро барои таътили тамдидшудаи зимистонӣ пардохт накунанд.**

«Муносибати байни муассиса ва волидайнро шартнома муайян мекунад. Дар шартнома зикр шудааст, ки маблағ барои корҳои амалишуда пардохт мешавад. Бинобар ин, барои рӯзҳое, ки таътил буд, маблағ пардохт карда намешавад»,- гуфт масъули вазорат бо супориши вазир.

Раҳим Саидзода - вазири маориф ва илми кишвар ҳамчунин зикр кард, ки дарсҳои лағвшуда бо сабаби таътили зимистонӣ аз ҳисоби таътили баҳорӣ ва чоряки чорум бартараф мешаванд.

Қаблан вазорат иттилоъ дода буд, ки таътили зимистона барои хонандагони мактабҳо ва муассисаҳои томактабӣ то 20-уми январ тамдид шуда буд. Вазорати маориф ва илми кишвар ин тасмимро ба сард омадани хаво рабт дод.

«Бо дарназардошти сард омадани хаво ва бо мақсади ҳифзи саломатии тарбиятгирандагону хонандагон дар асоси фармоиши вазири маориф ва илм таътили зимистона то 20-уми январи соли 2023 тамдид карда шуд»,- омадааст дар хабарномаи вазорат.

# ДАВЛАТЗОДА: ШУМОРАИ НАФАҚАГИРОН АФЗУД



**Айни замон дар кишвар 763 ҳазору 333 нафақагир будаанд, ки теъдоди онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13 ҳазору 516 ё 1,8 дарсад бештар аст.**

Ин нукта дар нишасти матбуотӣ аз ҷониби директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Давлатзода зикр гардид.

Бино ба гуфтаи мавсуф, талаботи моҳонаи нафақа дар як моҳ 257,7 млн сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,3 млн сомонӣ ё 2,1 дарсад афзоиш ёфтааст.

Тавре зикр гардид, дар ҷумҳурӣ аз шумораи умумии нафақагирон 159146 нафарро нафақагирони маъюб ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта теъдоди онҳо 1367 нафар ё ин ки 0,9 фоиз зиёд шудааст.

Бино ба иттилои директори Агентӣ, барои пардохти нафақаи нафақагирони маъюбиятдошта дар як моҳ 51,9 млн сомонӣ пардохт карда мешавад, ки ҳисоби миёнаи нафақаи онҳо ба 325, 84 сомонӣ баробар аст.

# ШАРҲИ МУШКИЛИ НАБУДАНИ МАБЛАҒ ДАР БАНКОМАТҲО



**Сироҷиддин Икромӣ - раиси Амонатбонк мушкилоти набудани маблағро дар банкоматҳо шарҳ дод.**

"Мардум дар охири моҳ маош мегиранд. Инчунин, муҳоҷирон тавассути корт маблағ мефиристанд. Бинобар ин, дар охири моҳ мардум дар назди банкоматҳо зиёд ҷамъ меоянд. Дар дигар рӯзҳо назди банкоматҳои Амонатбонк холӣ аст. Мардум бидуни мушкил метавонанд аз банкоматҳо пул гиранд. Агар дар банкомат пул набошад ҳам, мизоҷон имкон доранд аз дохили филиалҳои Амонатбонк маблағи худро гиранд",- изҳор дошт раис зимни нишасти матбуотӣ.

Ба иттилои Икромӣ, беш аз 60 фоизи муҳоҷирон аз Русия ба Тоҷикистон тавассути корт маблағи худро интиқол медиҳанд.

Икромӣ изҳори боварӣ кард, ки дар соли 2023 мушкилоти боқимонда низ рафъ хоҳанд шуд. Зеро дар соли гузашта 70 банкомат ва дар соли ҷорӣ 30 адади дигар харидорӣ ва дар мавзеъҳои серахолии кишвар насб карда шудааст.

*Навгонӣ*

# МАСҶИДИ БУЗУРГИ ДУШАНБЕ КАЙ БОЗ МЕШАВАД?



**Масҷиди бузурги Душанбе, ки муштаракан аз ҷониби Тоҷикистону Қатар сохта шудааст, эҳтимол дар нимаи аввали соли равон ифтитоҳ шавад. Дар ин бора раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Тоҷикистон Сулаймон Давлатзода хабар дод.**

Ба гуфти Сулаймон Давлатзода, Масҷиди бузурги Душанберо Тоҷикистону Қатар муштарак сохтаанд ва бинобар ин, маросими ифтитоҳи он бо ҳузури намояндагони ҳар ду кишвар баргузор мешавад.

"Сафари ҳайати расмии Қатар ба Тоҷикистон дар семоҳаи дувуми соли ҷорӣ дар назар аст ва эҳтимол зимни ин сафар Масҷиди бузурги Душанбе кушода шавад",- гуфт Сулаймон Давлатзода.

Масҷиди бузурги ҷомеи Душанбе яке аз бузургтарин масҷидҳои кишвару минтақа мешавад, ки ҳудуди 100 ҳазор нафарро дар як вақт ҷой медиҳад. Хазинаи сохтмони масҷид ҳудуди 100 млн доллар арзёбӣ мешуд, ки Қатар ҳудуди 70 миллион доллярашро саҳмгузорӣ кардааст.

Он дар майдони 12 гектар замин ҷойгир шуда, аз биною мавзеъҳои намозхонӣ, китобхона, осорхона, толорҳои маҷлисӣ ва қабули меҳмонон барои мулоқоту гуфтушунидҳо иборат мебошад.

Масоҳати зери бинои масҷид 3 гектарро ташкил дода, санги асоси онро Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи октябри соли 2009 дар рӯзҳои таҷлили 1310-солагии Имоми Аъзам гузошта буд.

Ба иттилои масъулин, Масҷиди бузург бо назардошти унсурҳои бостонию муосири санъати меъмории мардуми тоҷик ва ҷаҳонӣ бунёд гардида, аз 4 манораи баландиаш 75-метрӣ ва гумбази 47-метрӣ иборат мебошад.




*Омор*

*Ба иттилои Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҷумҳурӣ, феълан дар кишвар беш аз 4058 иттиҳодияи динӣ фаъолият доранд. Аз ин:*

- *49 масҷиди ҷомеи марказӣ;*
- *327 масҷиди ҷомеъ;*
- *3612 масҷиди панҷвақта;*
- *66 ташкилоти динии ғайриисломӣ;*
- *1 Маркази исломӣ.*

*Таъкид шудааст, ки ҳамаи ин муассисаҳо дар Феҳристи давлатии иттиҳодияҳои динии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.*

*Тамос*

*Гӯшаи нави "Пойтахт" дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" фарогири дастовардҳои шаҳри Душанбе, инъикоси камбудиҳо ба хотири рафъ намудан, назари масъулин ва минбари сокинони пойтахт аст. Агар шумо шоҳиди камбудие дар Душанбе шудед, ба мо нависед.*

*E-MAIL: tojikiston@pressa.tj*

*ТЕЛ: 93-111-08-61*

*Аз нишасти матбуотӣ*

## ДОНИШҶӮЁНИ ХОРИҶИИ ДАТ АЗ КУҶОЯНД?



**Дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур 314 нафар шаҳрвандони хориҷӣ таҳсил мекунанд, ки бештарашон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошанд.**

Дар ин бора ректори донишгоҳ, профессор Усмон Маҳмадёрзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод ва афзуд, ки асосан муҳассилини хориҷӣ тариқи фосилавӣ таҳсил доранд.

Айни замон донишгоҳ бо 125 ташкилоту муассисаҳои олии хориҷӣ шартномаи ҳамкорӣ дорад. Соли сипаришуда дар доираи созишномаҳои тарафайн аз муассисаҳои олии хориҷӣ 90 меҳмон, аз ҷумла муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Президенти Ассотсиатсияи ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, роҳбарони созмонҳои Каритаси Швейтсария, KIAT-и Корея, TIKA-и Туркия, Ҷамъияти ҳамкориҳои Олмон ва дигарон ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ташриф овардаанд.

Дар доираи ҳамкорӣ беш аз 70 устоди донишгоҳ ба кишварҳои хориҷӣ сафар карда, дар ҳамоишҳои илмӣ баромад намудаанд.

## НУРИДДИН САИД БАРОИ КОРМАНДОН ХОНА МЕСОЗАД



**Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон барои 144 кормандони худ бинои истиқоматӣ месозад. Дар ин бора Нуриддин Саид - раиси ин ниҳод зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**

Ба гуфтаи ӯ, дар ҳудуди маҳаллаи Зарафшони пойтахт сохтмони як бинои истиқоматӣ дар назар аст.

"Мо бо дархости додани қитъаи замин барои ин кор муроҷиат кардем ва посухи мусбат гирифтем. Дар маҳаллаи "Зарафшон" ба мо барои сохтмони манзил 0,35 гектар замин ҷудо карданд",- гуфт Нуриддин Саид.

Ба гуфтаи ӯ, тибқи лоиҳа ин хона 12-ошёна буда, дар 1,5 - 2 соли наздик сохта мешавад. Нуриддин Саид гуфт, ки манзилҳо барои кормандони Кумита ҳамчун манзили хидматӣ ҷудо карда мешаванд ва рӯзноманигорон низ метавонанд манзилро бо ипотека хусусӣ кунанд.

## МУЪТОД КАМУ МУСОДИРА ЗИЁД



**Дар Тоҷикистон аз муомилоти ғайриқонунӣ беш аз 4 тоннаю 160 кило маводи нашъаовар мусодира карда шудааст.**

Дар ин бора директори Агентии назорати маводи нашъаовари Тоҷикистон, генерал Ҳабибулло Воҳидзода дар нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ба иттилои манбаъ ҳаҷми маводи нашъаовари мусодирашуда дар соли 2022 дар қиёс бо нишондиҳандаи соли пешин 77 кило бештар мебошад.

Ниҳоди мазкур дар мавриди ҷиноятҳои марбут ба маводи нашъаовар иттилоъ дод, ки соли гузашта нисбат ба соли қаблӣ 3% кам ба қайд гирифта шудаанд.

Тавзеҳ дода шудааст, ки давоми соли 2022 ҳамагӣ 681 ҷинояти марбути маводи муҳаддир ба қайд гирифта шуд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 707 ҷиноят баробар буд.

Директори Агентии назорати маводи нашъаовар дар Тоҷикистон афзуд, ки шумораи нашъамандон дар кишвар коҳиш ёфтааст. Ба иттилои номбурда, соли 2022 дар ҷумҳурӣ 4381 нашъаманд расман ба қайд гирифта шудааст, ки камтар аз нишондоди қаблӣ мебошад.

*Барои андеша*



# БА ХУД ТАКЯ КУНЕМУ БА ХУДО ТАВАККУЛ

Мо мусалмонҳо мегӯем: "Худо нишон мета", "Худо мезана", "Худо ҷазирш мекуна"... 20 сол пеш ҳамин шабу рӯз Ироқ, яке аз марказҳои олами исломро ду шахс - Ҷорҷ Буш ва Тони Блейр ба хок яксон карданду як миллион мусалмонро куштанду Саддом Ҳусейнро дор кашиданд ва баъдан гуфтанд, ки бахшишу хато кардем, яроқи атомию химиявӣ наёфтем.

Ҳарду Ҷорҷ Бушу Тони Блейр миллионер, хушбахт, даврони пирӣ меронанд. Ва баъдан боз ғарбиҳо Муаммар Қаззофиро "хомталош" карданду Ливияро харобу боз садҳо ҳазор кушта...

Чаро худо намезанадашон?

Шояд ба худ такя кунему ба худо таваккул?

**Ориёнмеҳр ЗАРДУШТ**

# ПАЖУҲИШГОҲИ ҲИФЗИ ХОТИРАИ МИЛЛӢ



Баъзе "ходимони дин" аз зумраи фанат-чалла-муллоҳо зимни сабақдиҳӣ ва амри маъруфҳошон бо хаткуркунак аз мағзи шунавандаҳо ва муридҳошон хотираи миллиро кӯр карда истодаанд.

Мисолаш ҳуҷум ба таърихи то исломиямон, хусусан "Авесто" ва Зардушт. Ҳукумат бояд дар фикри ҳифзи хотираи таърихии миллат (историческая память) бошад! Ва агар имкони молиявӣ дошта бошанд, монанди баъзе кишварҳои ғарбӣ дар фикри таъсиси "Пажуҳишгоҳи ҳифзи хотираи миллӣ" бошанд! Мо гуфтем, вале мушовирони Президент беҳтар медонанд...

**Абдуқодири АБДУҚАҲҲОР**

# МАРДЕ, КИ 22 СОЛ НОН НАХӮРДААСТ!

**Ҳоҷӣ Ғулом Муродав зодаи ноҳияи Темурмалик буда, бинобар сабаби беморӣ ва бо тавсияи табибони бемормхонаи "Қарияи Боло" аз соли 2001 (22 сол) инҷониб нон нахӯрдааст.**

"Ин тарзи табобат саломатии маро муътадил нигоҳ медорад ва ман аллакай тӯли ин солҳо ба нахӯрдани нону як қисмати маҳсулоти нонӣ одат кардаам",- мегӯяд Ғулом Муродов.

Ҳамзамон, ӯ ба беморони дорои фишорбаландӣ, сактаи дил ва беморони диабети қанд нахӯрдани маҳсулоти нониро тавсия медиҳад.

Ғулом Муродов собиқаи беш аз 40-солаи корӣ дорад. Ӯ дар солҳои 90-ум барои барқарор шудани сохти конститутсионӣ талошҳо кардааст. Нуктаҳои зиндагии ӯ дар китоби Ҷалолиддин Сафарзод - "Ҷавонмарди асил" зикр шудааст.




Феълан, Ҳоҷӣ Ғулом Муродов 68-сола аст ва мегӯяд, ки шояд бо сабаби парҳез кардани аз нон ва маҳсулоти нонӣ то ҳол сиҳату саломат зиндагии хешро идома дода истодааст.

**Қурбоналии АБДУЛФАЙЁЗ**

# ВАЗОРАТ, КАНӢ НАЗОРАТ!?

**Шаҳраки "30-солагии Истиқлол"-и ноҳияи Файзобод дар канори шоҳроҳи Душанбе-Хоруғ ҷойгир аст. Аз маркази шаҳрак мошинҳои сабукрав ва боркашон ба самти ВМКБ ва Ҷумҳурии мардумии Чин меравананд.**

Вале агар ронандаҳо аз ин роҳ эҳтиёт карда нагузаранд, ба мағозаҳои масолеҳи сохтмонӣ, хӯрокворӣ, дорухона, дӯконҳои гӯшт барҳӯрданашон мумкин аст. Зеро идораи замину лоҳикашони ноҳия масофаи байни роҳу



сохтмонҳоро сарфи назар кардаанд. Мебоист мағозаҳо дуртар аз роҳи калон сохта мешуданду ба ҳаракати мошинҳо монеа эҷод намекарданд. Ҳоло бошад, дар ин роҳ ҳамарӯза тамбашавии мошинҳо мушоҳида мешавад, ки ҳам ба ронандагон ва ҳам ба пиёдагардон халал мерасонанд.

Вазорати нақлиёт ва дигар идораҳои масъул бояд ба ин масъала расидагӣ кунанд.

**Ҳокими САФАР, ноҳияи Файзобод**

*Мавқеъ*

# ДУОИ ХАЙР...

**(Аввалаш дар саҳ.3)**

- Сипосҳо нисоратон, дӯстони гиромӣ. Чун аз ҳоли ман хушнуд шудед, дарёфтам, ки дӯсти ҳақиқӣ будед! Худованди бузург шуморо низ ба зудӣ ба ин рӯзҳо расонад ва соате аз ин амали хайр дер намонад...

Дар лаҳзае авзоъшон тағйир кард, чеҳраҳои шукуфта дурушт ва панҷаҳои ба оғӯш омода мушт шуданд. Нафаре, ки ба мансаб баландтар буд, ба шаст гуфт:

- Ҳеъ "дуои хайрат"-ро аз даҳонат шамол барад! Насиби худат бод ҳар чӣ бигзашт аз сарат!

Дигар ёрон низ ранҷур шуданд ва бо сари хам зери лаб надоматкунон аз наздам дур шуданд...

То ҳанӯз ғарқи водии ҳайратам... Дар дуои самимии банда чӣ асрор буд, ки "дӯстон" муҳаббатро ба зудӣ ба кина омехтанд ва аспи чаҳлро маҳмез заданду аз ман бигрехтанд?...

# 170-СОЛАГИИ ҲОҶӢ АБДУЛАЗИЗ. ҲУКУМАТ БОЯД ЧӢ КОР КУНАД?



**Бузургтарин мусиқидони Шашмақом, оҳангсоз, навозанда ва сароянди сурудҳои классикӣ Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов, ба таъкиди шогирди азизаш Юнус Раҷабӣ, соли 1854 зода шудааст. Яъне, соли оянда ҷашни 170-солагии нобиғаи мусиқӣ Ҳоҷӣ Абдулазиз бояд таҷлил шавад.**

Юнус Раҷабӣ, ки чор сол ҳамроҳи бародараш дар ҳавлии Ҳоҷӣ Абдулазиз зиндагӣ карда, ҳама оҳангҳои Шашмақомро аз ӯ навишта мегирад ва ба ӯ, ки Ҳоҷӣ Адулазиз 66 сол ба Шашмақом хизмат кард ва 9-уми январи 1936 дар 82-солагӣ вафот намуд гуфтааст, бояд бовар кард.

Ҳукумат ва давлати Тоҷикистонро мебояд, ки бо пешниҳоди мусиқидонҳо барои таҷлили бошукуҳи ҷашни 170-солагии ин нобиға қарори махсус қабул кунад. Дар Самарқанд дар як қисми ҳавлии Ҳоҷӣ Абдулазиз музейи ёдгории ӯ кушода шудааст.

Дар ватани падарии ӯ Ғарм пайкараи ӯ гузошта шудааст. Ин мусиқори бузург ҳофизи ноҳиявӣ набуд, ки муҷассамааш танҳо дар ватани падараш бошад. Ӯ тавонист Шашмақоми дар ҳар кӯҷо парокандаро гирд оварад, аз устодони бузурги он омӯхта, дар шакли пурра мерос гузорад. Ҳама устодони мақомхонии баъдина мақомхониро аз ӯ мерос гирифтаанд.

Ҳоҷӣ Абдулазиз солҳои ноороми дар Самарқанд бо ҳоҳарашон ба Панҷакент кӯчида, солҳои ҷавонӣ дар он ҷо зиндагӣ кардааст.

Ва моро мебояд барои ёдоварии ин солҳои зиндагии ӯ дар марзи Тоҷикистон дар Панҷакент низ ба бузургдошти ин нобиға қадршиносӣ кунем.

Он вақт асбоби овознависӣ набуд, суруду оҳанг аз сина ба сина интиқол меёфт. Ҳама мусиқишиносон бар ин ақидаанд, ки ҳама рукнҳои асосии Шашмақоми имрӯза тавассути ин нобиға, ки ду ҳазор сурудро аз ёд медонист, ба мо омада расидааст.

**Адаш ИСТАД, нависанда**

*Вокуниш-622*

# ҚАҲРАМОНОН ФАРОМӮШ НАШУДААНД...

**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ мақолаи Ҷамолиддин Ҷалолиён - "Қаҳрамонон фаромӯш шудаанд?" ("Тоҷикистон", №3 (1514), 18-уми январи соли 2023)-ро мавриди баррасӣ қарор дода, чунин маълумот медиҳад.**

Масъулини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ вобаста ба ҷовидон гардонидани номи қаҳрамононе, ки дар роҳи ҳифзи Ватан ҷон бохтаанд ва поси хотири онон корҳои заруриро ба роҳ мондааст.

Тавре дар мақолаи болозикр омадааст, ҳақиқатан дар асоси қарори Шӯрои омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №27 аз 20-уми сентябри соли 2022 ва пешниҳоди аҳолии деҳаи Вашан дархости ҷамоати деҳоти Урметан аз 21-уми сентябри соли 2022, №263 оид ба номгузорӣ намудани муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №27 ба номи лейтенанти калони Гвардияи миллӣ Усмонзода Хирадманд ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ворид гардида буд.

Ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида аз ҷониби аъзои Комиссияи номгузории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия мавриди баррасӣ ва корбарӣ қарор дода шуданд. Аммо муассисаи номбурда айни ҳол ба номи мутафаккири тоҷик Аҳмади Дониш гузошта шудааст.

Бинобар ин, аъзои Комиссияи номгузорӣ ба хулосае омаданд, ки ҳуҷҷатҳои номгузорӣ намудани хоҷагии деҳқонии "Вашан" ба номи марҳум Усмонзода Хирадманд дар маҷлиси навбатии Вакилони халқи ноҳия, ки моҳи марти соли равон баргузор мегардад, барои тасдиқ пешниҳод карда шаванд.

Поси хотир ва ҷовидон нигоҳ доштани номи шаҳидоне, ки дар роҳи ҳифзи Ватан ҷони худро нисор кардаанд, ҳамеша дар мадди назари мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия боқӣ хоҳад монд.

**Г. А. ЗОКИРЗОДА, муовини раиси ноҳияи Айнӣ**

*Барои андеша*

# ВАЗОРАТ КОР МЕОФАРАД, Ё МУСИБАТ?



**Чанде қабл дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар мавриди унвони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳсе сар зад. Забоншинос Умеди Ҷайҳонӣ навишт, ки маънои «меҳнат» дар луғатҳо «азобу машаққат» аст, на «кор».**



Ҳамчунин, ин донишманди тоҷик пешниҳод кард, ки Вазорати мазкур “Вазорати кору корофаринӣ” номгузорӣ шавад.

“Ёдоварӣ мекунем, ки «меҳнат» ба забони русӣ ҳам «трудности, страдания, мучения» мешавад ва на «труд, работа». Аз ин рӯ, номи он вазорат ҳам ба забони русӣ мешавад «Министерство трудностей, страданий и мучений... населения Республики Таджикистан», на «Министерство труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан»,- менависад Умеди Ҷайҳонӣ.

Баъди мутолиаи ин шарҳҳо банда ҳам ба луғатҳо муроҷиат кардам.

**«Фарҳанги забони тоҷикӣ»:**
Меҳнат - 1. Мусибат, бало, бадбахтӣ, идбор. 2. Ранҷ, азоб, укубат, машаққат, заҳмат.
Меҳнатзада - балокаш, дучори бадбахтӣ, мусибатзада, азобкаш, дучори азобу ранҷу ано.
Меҳнатистон - ҷои бало, ҷои бадбахтӣ, ҷои азобу машаққат.
Меҳнатобод - ҷои бадбахтӣ, ҷои азобу машаққат.
Меҳнатрасон - расонандаи бало, расонандаи мусибат, озордиҳанда.
Меҳнатсарой - ҷои бало, ҷои бадбахтӣ, ҷои азобу машаққат.

**«Луғатномаи Деххудо»:**
Меҳнат - офат, балия, гирифторӣ, фитна; сахтӣ, машаққат, бадбахтӣ, никбат, хорӣ, душворӣ, дармондагӣ.

**«Фарҳанги форсии Амид»:**
Меҳнат - бало, сахтӣ, ранҷ.

**«Фарҳанги форсии Муъин»:**
Меҳнат - ранҷ, сахтӣ.

**«Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»:**
Меҳнат - 1. Азоб, ранҷ, машаққат, заҳмат. меҳнат кашидан - азобу машаққат кашидан, дар азоб будан. 2. Фаъолияти мақсаднок ва ба ҷамъият нафъоварии инсон, ки ранҷу кӯшиши ақлонӣ ва ҷисмонӣ металабад; кор.

Тавре шоҳид гардидед, «меҳнат» дар забони тоҷикӣ маънии «кор»-ро надорад. Кор бошад, дар фарҳангҳо чунин тафсир шудааст:

**“Фарҳанги забони тоҷикӣ”:**
Кор - амал, шуғл, ҳунар, касб, пеша, ҳирфа, машғала.

«Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»
Кор - 2. Он чӣ, ки касе ба он машғул аст, шуғл, пеша.

Бинобар ин, вақти он расидааст, ки дар мавриди ин вожа биандешем ва Вазорати меҳнатро ба Вазорати кор табдили ном намоем, зеро вазифаи ин вазорат тавлиди кор аст, на мусибату бало.

**Д. ҚОДИРПУР,**
**журналист**

# ПАНҶЕКАТ ДУРУСТ АСТ, НА ПАНҶАКЕНТ

**Номи Панҷекат дар мутуни давраи исломӣ ба сурати Банҷекат ва Панҷекат омадааст. Маркварт (Joseph Markwart), ховаршиноси бузурги олмонӣ номи пешини онро бо бои маҷҳул Панҷекат ва Ли Истранҷ (Guy Le Strange (1854 - 1934) мусташриқи бузурги инглис) Банҷекат навиштааст.**



Дар оғози давраи исломӣ, яъне қарни ҳафтум Панҷекатро “Панҷ” меномиданд. Дар он замон шаҳри Панҷ дар баробари Самарқанд яке аз шаҳрҳои муҳими минтақа будааст! Номи ин шаҳрро ҳам дар гузашта ва ҳам акнун сокинони он диёр Панҷекат мегуфтанду мегӯянд!

Тибқи иттилои манобеи мухталиф, ин шаҳр дар ҷанубу шарқии Самарқанд, дар канори рӯдхонаи Зарафшон, дар сари Роҳи Абрешим бунёд шуда ва дар садаи ҳафтум ба камоли тараққии худ расидааст. Андаке баъд аз ин таърих аз дасти аъроби биёбонгард вайрон гашт, вале таъмир ва бозсозӣ шуд ва то қарни нуҳум обод буд. То он ки бар асари аҳамият ёфтан ва бузург шудани Самарқанд ва Бухоро, ки аз шаҳрҳои ҳамин водӣ буданд, ба тадриҷ аз аҳамият афтод. Ин шаҳр ховартарин шаҳри Суғд ба шумор меомад ва дар шарқи он ноҳия қарор дорад. Бо ин ки Паргар (баъдҳо Фалғар) дар авоили даҳаи ҳаштуми мелодӣ ҷузъи қаламрави Деваштич фармонравои Панҷекат қарор дошт, баъдтар дар садаҳои 9 ва 10-и мелодӣ бахше аз Усрӯшана будааст. Ин шаҳр борҳо аз дасти бегонагон ба нобудӣ кашида шуда ва дубора эҳё шудааст. Номи шаҳр бетардид Панҷекат буда, ки мардуми минтақа талаффуз мекунанд ва ҳар гуна варианти гуфторӣ ё навиштории дигар саҳеҳ нест.

**Сафар АБДУЛЛО,**
**профессор**




*Аз нишасти матбуотӣ*

# ҶУСТУҶӮИ 398 НАФАР БАРОИ НАПАРДОХТАНИ АЛИМЕНТ



**398 нафар барои напардохтани маблағи алимент ва пинҳон кардани суроғаи ҷойи зисташон бо таъиноти суд ва қарори иҷрочиёни мақомоти иҷро дар кофтуков қарор доранд.**

Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ Барно Саидвализода, сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз дошт.

Ба гуфти номбурда, соли сипаригардида ба Хадамот 11 636 санади истехсолоти иҷро оид ба ситонидани маблағи алимент ворид гардида, аз ҷониби иҷрочиён ба манфиати модару кӯдак зиёда аз 39,9 млн сомонӣ маблағи алимент ситонида шуд. Ин маблағ назар ба ҳамин давраи соли сипаришуда 46,1 фоиз зиёд мебошад.

«Бинобар бадқасдона саркашӣ намудани қарздорон аз пардохти маблағи алимент нисбат ба 538 нафар қарздорон тибқи талаботи моддаи 177-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди иҷрочиён аз ҷониби мақомоти прокуратура парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз гардидаанд»,- илова намуд сардори Хадамоти иҷро.

# АЗ 15 ТО 20 ҲАЗОР СОМОНӢ. ҲАВАСМАНДӢ ДАР ДСТР



**Ҷавонони то 35-сола, ки рисолаи номзадиву докторӣ ҳимоя мекунанд, ҳавасманд гардонида мешаванд.**

Ин нукта дар нишасти матбуотии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия қайд гардид.

Файзулло Машраб - ректори ин донишгоҳ гуфт: «Ҷавонони то 35-солае, ки ҳимоя мекунанд, барои ҳимояи рисолаи номзадӣ 15 ҳазор сомонӣ ва барои ҳимояи рисолаи докторӣ 20 ҳазор сомонӣ ҳавасманд гардонида мешаванд».

Зимнан, соли сипаришуда дар донишгоҳ 4 рисолаи докторӣ ва 6 рисолаи номзадӣ ҳимоя карда шудааст. Ҳоло дар Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия 5362 донишҷӯи зинаи бакалавр ва 381 магистр таҳсил мекунанд. Шумораи умумии кормандони якҷо бо мактабҳои донишгоҳ дар шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб 810 нафарро ташкил медиҳанд.

# ДОНИШГОҲИ ТИҶОРАТ БОНК ДОРАД



**Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Хайрулло Назарзода мегӯяд, ки дар масъалаи ҷамъоварии маблағи шартномаи таҳсили донишҷӯён мушкил надоранд.**

«Аслан, дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон донишҷӯён тариқи шартномавӣ таҳсил мекунанд. Бо назардошти вазъи зиндагии донишҷӯён мо ба онҳо имкон медиҳем, ки маблағи таҳсилро зина ба зина пардохт намоянд. Ҳатто онҳоеро, ки имкони молиявӣ надоранд, бо ширкату корхонаҳо ва корфармоён ҳамкорӣ намуда, ба кор таъмин менамоем»,- изҳор дошт ректори донишгоҳ Хайрулло Назарзода.

Ректор изҳор дошт, ки ба хотири бештар фаро гирифтани таҷрибаомӯзии донишҷӯён ният доранд бонки таълимиро дар назди донишгоҳ дубора фаъол кунанд.

“Аллакай тамоми таҷҳизоти компютерҳои замонавиро дар бонки таълимии назди донишгоҳ насб кардаем. Дар ин ҷо донишҷӯён дониши назариявии худро ба амалия табдил медиҳанд”,- гуфт ректор.

## ДАР СОЛИ 2022 НАРХҲО БАРОИ 10 МАҲСУЛОТ ДАР ДУШАНБЕ ЧӢ ГУНА ТАҒЙИР ЁФТАНД

Нархи миёна бо сомонӣ барои як кг январ то январ




Манбаъ: Агентии омори Тоҷикистон

# СОДИРОТ МАНЪ ШУДУ БОЗ ҚИММАТӢ. ЧАРО?

(Аввалаш дар саҳ.3)

Тибқи маълумоти оморӣ, дар 6 моҳи аввали соли 2022 даромад аз фурӯши пиёз нисбат ба соли гузашта 36% афзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2021 ин маблағ 4,7 миллион долларро ташкил диҳад, пас дар соли 2022 аллакай ба 6,6 миллион доллар расидааст. Ҳамчунин, соли 2022 аз вилояти Хатлон 4157 тонна пиёз ба хориҷи кишвар содирот карда шудааст.

### Омор чисту вазир чӣ мегӯяд?

Тибқи иттилои Агентии омори Тоҷикистон, соли 2022 дар ҷумҳурӣ беш аз 672 ҳазор тонна пиёз ҷамъоварӣ шудааст. Ин рақам нисбат ба соли қаблӣ 6,6% камтар аст. Агар чунин омор воқеӣ бошад, пас дар муқоиса ба соли сипаришуда ақаллан нархи 1 кг пиёз бояд 4-5 сомонӣ шавад. Аммо мувофиқи маълумоти Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон, дар вилоят тибқи дурнамо соли 2022 бояд дар майдони 13 ҳазору 966 гектар замин пиёз кишт карда мешуд, вале бо таъсири баъзе омилҳо дар майдони 12 ҳазору 999 гектар замин пиёз кишт карда шудааст. Инҷо низ фарқият чандон зиёд нест.

Акмал Иброҳимиён, муовини сардори Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон дар нишасти матбуотӣ ба рӯзноманигорон сабаби гарон шудани пиёзро дар бозорҳо ба коҳиши майдони кишти он (1 ҳазору 47 гектар кам) дар шаҳру навоҳии вилоят, баланд шудани нархи нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ вобаста донистааст.

«Овозаҳое, ки гӯё захираҳои пиёз аз таъсири сардӣ вайрон шуда бошанд, асос надоранд. То охири моҳи декабри соли гузашта пиёзро ба кишварҳои хориҷ содирот мекардем, аммо вақте ки арзиши он дар кишвар баланд шуд, содиротро қатъ намудем. Ҳоло дар анборҳои вилоят зиёда аз 4000 тонна пиёз захира дорем»,- изҳор доштааст Иброҳимиён.

Дар ҳамин маврид, вазири кишоварзии Тоҷикистон Қурбон Ҳакимзода зимни нишасти матбуотӣ хабар додааст, ки соли 2022 аз Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ба маблағи 54,3 млн доллар зиёда аз 191 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ интиқол дода шуд.

“Ин миқдор 17,6 ҳазор тонна камтар нисбат ба соли 2021 буда, лекин аз рӯи маблағ 17,6 млн доллар зиёдтар аст. Зиёда аз 40% аз ҳаҷми умумии содироти маҳсулоти кишоварзиро сабзавот - 76,6 ҳазор тонна ташкил медиҳад, аз ҷумла 66,6 ҳазор тоннааш пиёз”,- гуфт ӯ.

Ба гуфтаи вазир, ҳаҷми содироти мева 29% аз ҳаҷми умумӣ ё худ 54,5 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

“Харидорони сабзавот ва меваи Тоҷикистон кишварҳои ИДМ (92%), асосан Русия ва Қазоқистон мебошанд”,- иброз дошт Ҳакимзода.

Зимнан, зикр шудааст, ки дар соли 2023 ба парвариши пахта, картошка, пиёз ва сабзӣ афзалият дода мешавад. Аммо соли оянда мебинем, ки нархи ин маҳсулоти кишоварзӣ ба мардум дастрас мешавад? Шояд вазири нави кишоварзӣ Қурбон Ҳакимзода ислоҳоти куллӣ дар соҳа мегузаронад ва гуфтааш боитминон аст?

Вале суол ба масъулин: Агар ҳаҷми кофии маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пиёз захира доред, чаро ба фурӯш намебаоред, то нарх дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шавад? Интизори он ҳастед, ки 15 сомонӣ шаваду ҳаннотон ва миёнаравҳо фоидаи муфт ба даст оранд? Механизми ягонаи таъсир ба паст кардани нарх дар бозор ин фаровонист. Аммо вақте ки эҳтиёҷ ба маҳсулот бештар шуду камчинӣ мушоҳида шуд, албатта, арзиш боз боло меравад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

# ПИЁЗИ ЯХБАСТА

## Он метавонад баъди об шудан барқарор гардад, агар...

*Луқма*



**Фазлиддин АСОЗОДА**

**Чанд рӯзи охир баҳс атрофи нархи пиёз зиёд шуд. Аввал дар бораи арзиши то 11 сомонӣ сухан мерафт. Баъдан, нарх оҳиста-оҳиста боз поин рафт.**

Замони аз ҳама гаронӣ тоҷирон асос пеш меоварданд, ки сардии январии имсола маҳсулотро то ҷойе талаф кардааст ва онҳо дигар наметавонанд нархро паст намоянд. Аммо корашон бумеранг шуд. Акнун, ба бозорҳо биравед, мебинед, ки нархи пиёз хеле поин фаромадааст. Шояд баръакси хаёли хоми тоҷирон, ки ях бастани маҳсулотро интизор набуданд. Яъне, фикри захира кардан дар анборҳову баъди танаффуси муайян якбора ба фурӯш баровардани маҳсулоту фоидаи беш гирифтан кор надод...

Бояд ёдовар шуд, ки аллакай тобистони соли гузашта нархи пиёз як маротиба боло ҷаста буд. Он вақт ҳам матлабе дар ин хусус навишта будам. Чун аввали имсол нархи пиёз боз гарон шуд, ҳамкасбам Холиқназар Ҷумъазода бо ишора ба матлаби қаблан навиштаам латифае дар саҳифаи “Фейсбук” пахш кард:

“Имшаб Фазлиддин Асозодаро хоб дидам. Як лингча пиёз сари китф ин сӯ - он сӯ медавид ва чашмонаш пур аз об буданд. Вақте сабаби давидан ва об гирифтани чашмонашро пурсидам, гуфт:

- Пиёз 11 сомонӣ шудааст, устод, 11!

- Ҳеҷ гап не. 11 шудааст, шудан гирад. Баъд чӣ?,- гуфтам бепарвоёна.

- Чӣ хел ҳеҷ гап не,- гуфт бо ғазаб,- аз дасти пиёз мо ҳамеша гирёну дар давутозем ку!

- Чӣ хел ҳамеша гирён?,- ҳайрон шуда пурсидам.

Гуфт:

- То ин замон агар фақат вақти реза кардани пиёз гиря мекардем, аз ин пас вақти хариданаш низ гиря мекунем”...

Аммо акнун пиёз ях баста, тезияш ҳам намондаасту гиряамонро намеорад ва шоҳидем, ки дар бозорҳо нархаш то 3 сомониву 50 дирам фаромадааст. Яъне, тоҷирон дар ҳаросанд, ки агар зудтар аз пиёзи яхкарда халос нашаванд, зарар мебинанд.

Вале агар тоҷирон аз хислати пиёз ба пуррагӣ огоҳ мебуданд, ҳоло пиёзҳои яхбастаро ба фурӯш намебароварданд. Зеро, хусусан деҳқонҳо медонанд, ки пиёз яке аз маҳсулоти ба сардӣ зиёд тобовар аст ва агар ба пиёзи яхбаста то об шудани яхаш ангушт нарасонем, барқарор мешавад, ба асли пешинааш бармегардад, сардаш намезанад.

Аммо агар захираи тоҷирон воқеан кам бошад, дар баробари талаботи бозор дигар илоҷе надоранд, ҷуз ба фурӯш баровардани ҳатто пиёзи яхкарда.

Агар чунин шавад, то ба бозор ворид гардидани ҳосили нав як бори дигар ҷастухези нархи пиёз моро интизор аст.

## “МОНОЛОГ”-И ФАЗЛИДДИН АСОЗОДА




**Китоби нахустини рӯзноманигор Фазлиддин Асозода (Хоҷаев) таҳти унвони “Монолог” аз чоп баромад. Китоб фарогири колонкаҳоест, ки муаллиф ба шакли монолог дар солҳои гуногун таълиф кардааст.**

Муҳаррири китоб Шоири халқии Тоҷикистон Ҳадисаи Қурбон буда, сарсухани китоб низ ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Матолиби китоб дар мавзуҳои гуногун буда, дар онҳо муаллиф бештар ба камбудиҳои ҷомеа ишора кардааст. Муаллиф дар суҳбат бо худ аз мушкилоти ҷомеаи муосир ҳарф мезанад ва парда аз рӯйи ҳақиқат мебардорад. Пеш аз оғози ҳар матлаб баъди сарлавҳа муаллиф мисрае ё панде аз афкори бузургон меорад, ки омӯзанда ҳастанд.

Номи Фазлиддин Асозода барои хонанда бегона нест. Ӯ зодаи ноҳияи Файзобод ва хатмкардаи факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст. Таҷрибаи қариб 20-солаи рӯзноманигорӣ дорад. Дар “Тоҷикистон”, “Реклама-сервис”, “Нигоҳ”, “Студент.tj”, “Пайкон”, “Фараж”, АМИТ “Ховар”, Оҷонсии иттилоотии TojNews ба ҳайси хабарнигор, муҳаррири шуъба, муҳаррир ва сармуҳаррир фаъолият кардааст. Ҳоло муҳаррири сомонаи ҳафтономаи “Тоҷикистон” - Pressa.tj аст.

## Гулсифат Шаҳидӣ:

# ҶОИЗА МУҲИМ НЕСТ, ВАЛЕ ОН НЕРӮ МЕБАХШАД

Гулсифат Шаҳидӣ имрӯз яке аз нависандагони муваффақи муосир аст, ки осораш дар кишварҳои мухталифи олам ба табъ расида, истиқболи гарм ёфтаанд. Солҳои охир нависанда бештар барои кӯдакону наврасон асар эҷод мекунад ва ин навъи осораш хонандагони зиёд доранд. Дар сафари навбатии Гулсифат Шаҳидӣ ба Душанбе бо эшон дар бораи адабиёти кӯдак суҳбат оростем, ки фишурдаи онро манзури шумо мекунем.




**- Шумо ба забони модарӣ хуб ҳарф мезанед, вале сабаб чист, ки ба забони тоҷикӣ эҷод намекунед?**

- Чаро? Ду китоби аввалам дар оғози солҳои 90-ум ба тоҷикӣ эҷод ва нашр шуданд - «Меҳрнома» ва «Ёднома». Дар ин китобҳо аз таърихи оилаи мо сухан меравад. Ман рӯзноманигор ҳастам ва мақолаҳои зиёдам ба забони модарӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон чоп шудаанд. Чаро имрӯз ба русӣ менависам? Як таҷриба-эксперимент гузаронидам. Китоби «Ҳамсояҳо»-ро ба тоҷикӣ чоп кардам ва ба мағозаи китоб гузоштам. Аз 100-то 4-тояш ба фурӯш рафт. Русиаш бошад, то имрӯз харидор дорад. Аз сабаби ба русӣ навиштанам, теъдоди хонандагонам хеле зиёд аст. Аз русӣ асарҳоям ба шаш забони дунё тарҷума шуданд. Ман албатта, худро ба Чингиз Айтматов баробар намекунам, вале ҳамаи асарҳояшро ӯ ба русӣ навиштаву машҳури ҷаҳон гашт. Ман дар сафари охирам ба Тоҷикистон мушоҳида карда, ба хулоса омадам, ки ақаллан 20%-и мардум китобхон мебуданд, хуб мешуд...

**- Устод Убайд Раҷаб аввалин адиби тоҷик ҳастанд, ки сазовори Ҷоизаи байналмилалии ба номи Андерсон гардидаанд. Ба назари шумо, чаро дигар адибони тоҷик ба он мушарраф нашуданд?**

- Устод Убайд Раҷаб устоди адабиёти бачагона дар Тоҷикистони шӯравӣ буданд. Ва ҳамчун адиби шӯравӣ аз Москва ба ин унвон пешниҳод шуданд. Ҳоло Тоҷикистон бояд аз номи худаш пешниҳоди ҷоизаҳоро ба роҳ монад. Пеш аз ҳама асарҳо бояд ба бисёр забонҳо тарҷума шаванд. Ба дили хонандаҳои хориҷӣ ҳам роҳ ёбанд. Ин корро бояд созмонҳои эҷодӣ иҷро кунанд. Ҳоло мо адабиёти хуби бачагона дорем. Медонам, нафароне ҳастанд, ки ин ва дигар ҷоизаҳоро сазовор шуда метавонанд.

**- Оё ҷоиза дар рушди эҷоди нависанда нақше дошта метавонад?**

- Вақте китоби “Шаҳри ормонҳои сабз”-ро навиштам, ҳеҷ фикр намекардам, ки он соҳиби ҷоиза мешавад. Ин воқеа бароям таконе буд, ки ҷиддӣ ба эҷод пардозам. Медонед, он вақт фикр мекардам, ки як асари таҷрибавӣ эҷод кунам ва бубинам чӣ мешавад... Дугонаам ба ман гуфт, ки асарро қисм-қисм дар саҳифаи Проза.ру гузорам. Ҳоло китоб чоп нашуда, хонандагони сершуморе пайдо кард. Вақте китоб чоп шуд, ба ман пешниҳод карданд, ки онро ба озмуни ҷоизаҳои созмони адибони Авруосиё дар Лондон пешкаш кунам. «Ҳарҷӣ бодо бод» гуфта, дар озмун иштирок кардам. Соҳиби ҷоиза шудам. Ин ба ман боварӣ бахшид...

Вале ҷоиза барои рушди истеъдоду ҳунар чизи муҳим нест. Ҳар чӣ дар дег ҳаст, ба кафлес мебарояд. Агар Худо дода бошад, ту албатта дар корат ба қуллаҳои баланд расида метавонӣ.

**- Айни замон берун аз кишвар зиндагӣ мекунед. Оё аз адабиёти имрӯзаи бачагонаи тоҷик бохабаред?**

- Дар дуриҳо зиндагӣ кардан маънои онро надорад, ки аз зиндагии кишвари азизат бохабар набошӣ. Ман адабиёти муосири тоҷик ва махсус адабиёти бачагонаи дастрасро мутолиа мекунам. Мо саҳифаҳои хубе дорем дар Интернет ва яке аз онҳо «Адабиёти кӯдак дар Тоҷикистон» аст. Вақте ки Тоҷикистон омадам, аввалин китобе, ки бароям тақдим шуд, «Бибӣ, бобо, набера»-и шумо буд. Намунаи хубе аз адабиёти кӯдак аст. Умуман, коре, ки имрӯз адиби шинохта Латофат Кенҷаева мекунад, беҳтарин мисол дар инкишофи ин самти адабиёт дар Тоҷикистон аст.

**- Чаро ба таълифи афсона рӯ овардед?**

- Дер ё зуд ман албатта бояд ба афсона рӯ меовардам. Чун худам ба набераҳо қиссаю афсона мегуфтам. Набераам Ғаффорҷон калон шуда, аз ман илтимос кард, ки ҳамон қиссаҳоро ба ёд орам, нависам ва ба шакли китоб барои набераҳои хурдсолам чоп кунам. Ҳамин тавр ҳам кардам. Се китоби дигар барои наврасон навиштам. Созмони адибони Русия ин асарҳоямро ба шакли китоби алоҳида чоп кард. Ҷоизаи “Адиби сол”-ро ҳам барои асарҳои ба кӯдакону наврасон навиштаам гирифтам.

**- Ҷое гуфтаед, ки барои бачаҳо навиштан нисбатан хеле осонтар аст, аммо бисёре аз адибони кӯдак ақидаи дигар доранд...**

- Адабиёти бачагон бешак масъулияту ҷавобгарии бештар дорад. Вале барои ман ҳамчун оромиш дар эҷодам хизмат мекунад. Вақте романи «Офтобхон»-ро менавиштам, хеле қуввату асабамро сарфи гирудори ҳаёти қаҳрамони асар мекардам. Дар байни ҳар қисмати роман як чиз барои кӯдакон менавиштам ва ин бароям як танаффусу истироҳати маънавӣ буд.

(Давомаш дар саҳ. 13)

# ВИОЛОНЧЕЛ

## Асбоби ғайриоддие, ки Миҷгонаро ҷаҳондида кард

**Миҷгона Ҳасанова виолончел менавозад. Ин асбоб ғайриоддӣ аст ва на ҳар кас онро навохта метавонад, вале қаҳрамони мо дар натиҷаи омӯзишҳои пайваста ва таҷрибаи бисёрсола ба пояи устодӣ расидааст. Ӯ феълан навозандаи мумтози ин асбоби мусиқӣ аст.**

Мичгона Ҳасанова аз ҳаштсолагӣ виолончел менавозад. Ӯ навохтани ин асбоби ғайриоддиву ҳаҷман бузургро дар мактаби мусиқии ба номи Малика Собирова (ҳозира мактаби мусиқии ба номи Миратулло Атоев)-и шаҳри Душанбе омӯхтааст. Дар мактаби мусиқӣ ба ғайр аз виолончел дарси фортепианоро низ гузаштааст. Аз ин ҷост, ки қаҳрамони мо ин асбоби мусиқиро низ навохта метавонад.

"Интихоби ман виолончел набуд. Аз рӯи имтиҳони қабуле, ки барои дохилшавӣ дар мактаби мусиқӣ мегирифтанд, комиссияи қабул маро ба гуруҳи виолончел роҳхат дод. Ҳангоми хатм аллакай ман самти худро муайян кардам. Қарор додам, ки навозандаи ин асбоб мешавам",- гуфт қаҳрамони мо доир ба роҳи интихобкардаи худ.

Миҷгона Ҳасанова баъди хатми мактаби мусиқӣ Консерваторияи Урал ба номи М. П. Мусоргскогоро хатм кардааст. Соли 2014 ба Тоҷикистон баргашта, то имрӯз ба ҳайси навозандаи виолончел кору фаъолият мекунад.

Мичгона мегӯяд, ки барои муваффақ шуданаш дар соҳаи навозандагӣ нақши оилааш ниҳоят бузург аст: “Оилаи ман ҳамеша маро дастгирӣ мекунад ва ин барои ҳунарманд муҳим аст”.

Аз Мичгона Ҳасанова дар мавриди касбияташ пурсон шудем. Гуфт, ки ба фаъолияти ӯ бояд шунавандагон баҳо бидиҳанд. "Ҳар як навозанда бояд кор кунад, бисёр омӯзад, аз болои ҳунари худ кор кунад ва онро сайқал диҳад. Навозанда бояд ҳамеша дар эҷоду навоварӣ бошад ва ба пеш ҳаракат кунад",- мегӯяд ӯ.

Ӯ дар чандин сахнаҳои ҳунарии дохилу хориҷ, консерту фестивал ва чорабиниҳои фарҳангии ҷаҳонӣ иштирок кардааст.

Мичгона дар пеш нақшаҳои зиёд дорад, вале аз гуфтани онҳо худдорӣ мекунад. Ҳоло Мичгона Ҳасанова устоди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов дар гуруҳи виолончел аст. Ҳамзамон, дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ва Оркестри симфонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун навозандаи виолончел фаъолият дорад.



**Идибеки САИД**

## КУШТӢ

# САРМУРАББИИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ КУШТИИ ОЗОДИ ТОҶИКИСТОН НАВ ШУД

**Барандаи медали нуқраи Бозиҳои олимпии Пекин-2008 Юсуф Абдусаломов сармураббии дастаи мунтахаби куштии озоди Тоҷикистон таъйин шуд.**

Маросими имзои шартномаи хамкорӣ 2-юми феврал дар Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон баргузор шуд. Шартномаро Юсуф Абдусаломов ва президенти Федератсияи куштии Тоҷикистон Ҷамшед Машрабзода имзо карданд.

Дар асоси шартнома, ки то анҷоми Бозиҳои олимпии Порис-2024 эътибор дорад, Юсуф Абдусаломов дастаи мунтахаби куштии озоди Тоҷикистонро ба мусобиқаҳои байналмилалӣ барои ба даст овардани роҳхати Бозиҳои олимпии Порис ва ба даст овардани медали олимпӣ омода мекунад.

Аз ин пештар федератсия ду шаҳрванди Федератсияи Русия Абдулмаҷид Кудиев ва Магомаед Евлоевро ба дастаи мунтахаби куштии озоди Тоҷикистон ҷалб кард, ки ҳарду дар Чемпионати Тоҷикистон (28-уми январ) сазовори ҷои аввал шуданд ва аз ин пас Тоҷикистонро дар мусобиқаҳои варзишии сатҳи байналмилалӣ намояндагӣ хоҳанд кард.



## ФУТБОЛ

# ДУ МУСОВИИ НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶОМИ РУШД

**Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) дар мусобиқаи байналмилалии «Ҷоми рушд-2023» дар гурӯҳи «В» бо дастаҳои мунтахаби Русия (U-17), Эрон (U-17) ва Белорус (U-16) бозӣ мекунад.**

Дастаи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раҳматулло Фузайлов дар оғози мусобиқа бо ҳамсолони худ аз Русия рақобат кард. Вохӯрӣ бо хисоби 1:1 анҷом ёфт. Аз ҳайати тими миллии Тоҷикистон Раббонӣ Камолов гол зад. Дар бозии дигар наврасони Эрон бар дастаи 16-солаҳои Белорус бо натиҷаи 4:0 пирӯз шуданд.



Дар гурӯҳи «А» Қазоқистон (U-17) бар Русия (U-16) бо ҳисоби 1:0 ва Белорус (U-17) бар Ӯзбекистон (U-16) бо натиҷаи 3:0 ғолиб омаданд.

Дар даври дуюми марҳилаи гурӯҳӣ рӯзи 7-уми феврал наврасони Тоҷикистон бо тими Белорус (U-16) бозӣ карданд. Ин дидор дар толори футболи Минск баргузор шуд ва мусовӣ (2:2) ба охир расид. Голхоро Ҳоҷӣ Абдуманнон ва Диловар Ҷамшедзода заданд. Дар бозии дигари ҳамин гурӯҳ дастаи Эрон (U-17) аз дастаи Русия (U-17) бо натиҷаи 0:2 шикаст хӯрд.

Вохӯрии охирини гурӯҳии наврасони Тоҷикистон бо ҳамсолонашон аз Эрон аст, ки рӯзи 9-уми феврал баргузор мешавад.

## РЕЗААХБОР

6-уми феврал дастаи мунтахаби ҷавонони футболбози Тоҷикистон (U-20) таҳти роҳбарии мутахассиси белорусӣ Олег Кубарев бо тими ҷавонони Озарбойҷон бозии санҷишӣ анҷом дод. Вохӯрӣ бо пирӯзии тими миллии Тоҷикистон - 2:1 анҷом ёфт. Голҳои Тоҷикистонро Салам Ашӯрмамадов ва Алиҷони Айнӣ заданд.

***

Рӯзҳои 11-12-уми феврал Чемпионати ҷудои Тоҷикистон баргузор мешавад. Мусобиқаи мазкур дар Маҷмааи варзишии Қасри теннис ва варзиши обии шаҳри Душанбе миёни 250 ҷудокор (230 мард, 20 зан) аз ҳамаи манотиқи кишвар дар 14 вазн ба нақша гирифта шудааст.

***

Собиқ футболбози дастаҳои «Челси», «Нюкасл» ва «Порту» Кристиан Атсу, ки зери бинои харобшудаи заминларзаи Туркия қарор дошт, баъд аз як рӯз зинда ёфт шуд. Ба иттилои A Bola, футболбози 31-солаи дастаи "Хатайспор" ва тими миллии Ғано ба бемористон мунтақил шудааст. Пойи рости бозигар захмӣ шудааст ва нафаскашиаш душвор гуфта мешавад.

***

Арабистони Саудӣ бори аввал Ҷоми Осиёро дар соли 2027 мизбонӣ хоҳад кард. Ин тасмим дар Конгресси Конфедератсияи футболи Осиё (AFC), ки 1-уми феврал дар шаҳри Манамаи Баҳрайн доир гардид, гирифта шуд. Арабистони Саудӣ ягона номзад буд. Ҷоми Осиё-2023 баъд дар Қатар баргузор шавад, ки дар он дастаи мунтахаби Тоҷикистон низ ширкат мекунад.

## ВАРЗИШИ САБУК

# ШИРКАТИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧО ДАР ИНШООТИ ПӮШИДА-2023



**Аз 10 то 12-уми феврал дар пойтахти Қазоқистон - шаҳри Остона яке аз муҳимтарин чорабиниҳои варзишии Ассотсиатсияи варзиши сабуки Осиё - Чемпионати Осиё дар иншооти пӯшида-2023 баргузор мешавад.**

Ин 10-ум Чемпионати Осиё дар иншооти пӯшида хоҳад буд. Чорабинӣ бояд рӯзҳои 11-13-уми феврали соли гузашта баргузор мешуд, аммо бо сабаби пандемии COVID-19 як сол мавқуф гузошта шуд.

Интизор меравад, ки беш аз 500 варзишгар аз 31 кишвари қора дар 26 риштаи варзиши сабук рақобат кунанд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистонро 6 нафар намояндагӣ мекунанд. Инҳо Илдар Аҳмадиев, Фаворис Музрапов, Леонид Пронженко, Александр Пронженко, Муҳаммадризо Мирзозода ҳастанд, ки ба Остона сафарбар гардидаанд. Қабл аз чемпионат даста дар шаҳри Остона ба ҷамъомади тамринӣ фаро гирифта шуд.

Дар чемпионат занону мардон дар дав ба масофаҳои 60 м, 400 м, 800 м, 1500 м, 3000 м, 60 м бо монеаҳо, ҷаҳиш ба баландӣ, ҷаҳиш бо ходачӯб, ҷаҳиш ба дарозӣ, ҷаҳиши секарата, тела додани гулӯла, панҷҳарба (бонувон), ҳафтҳарба (мардон) ва эстафетаи 4х400 м рақобат мекунанд.

## ЧЕҲРА

Алишер Ҷалилов:

# ГУЗАШТАН БА "АГМК" БАДТАРИН ҚАРОРИ МАН БУД!



**Футболбози тими миллии Тоҷикистон Алишер Ҷалилов, ки мавсими гузашта дар ҳайати "АГМК" бозӣ карда буд, чанде пеш ба бошгоҳи қаблии худ - «Истиқлол» баргашт. Дар мусоҳиба бо хабарнигори Championat.Asia Абдулазиз Искандаров ӯ дар бораи дар Ӯзбекистон буданаш суҳбат кард.**

**- Кай тасмим гирифтед, ки "АГМК"-ро тарк кунед?**

- Ростӣ, дарҳол пас аз гузаштан ба "АГМК" фаҳмидам, ки меҳоҳам ба "Истиқлол" баргардам. Ман аз тобистон дар бораи рафтан аз "АГМК" фикр мекардам, аммо Баҳодур Мирзоев (мудири кулли АГМК) маро дастгирӣ кард ва ман мондаму бозӣ карданро давом додам. Пеш аз тамринҳо моҳи январ ман гуфтам, ки меҳоҳам аз бошгоҳ равам. Ман гуфта метавонам, ки гузаштан ба "АГМК" бадтарин қарор дар фаъолияти ман аст!

**- Дар «Истиқлол» бозии дурахшон нишон додед, аммо дар "АГМК" худро нишон дода натавонистед. Чаро?**

- Дар "АГМК" мураббӣ ба ман бовар намекард. Дар "Истиқлол" бозии маро ҳама медонанд, дар онҷо ба дастовардҳои зиёд ноил шудам. Мехостам ҳарчи зудтар ба "Истиқлол" баргардам. Пас аз пешниҳоди президенти бошгоҳ Шоҳрух Саидзода ман бе ягон дудилагӣ розӣ шудам.

**- Оё намехоҳед, ки пас аз Тоҷикистон як қадам ба пеш гузоред?**

- Ман фикр намекунам, ки Ӯзбекистон қадаме ба пеш аст. «Истиқлол» дар Лигаи қаҳрамонҳои AFC бозӣ мекунад, мо ҳадафҳои худро дорем. Илова бар ин, ба даста мураббии нав - Игор Черевченко омад. Бовар дорам, ки ҳамааш хуб мешавад.

**- Хабаре буд, ки "Бунёдкор" шуморо дар сафи худ дидан мехоҳад. Чаро интиқол сурат нагирифт?**

- Воқеан аз ҷониби «Бунёдкор» таваҷҷуҳ буд, вале баъдан аллакай тасмим гирифтам, ки ба «Истиқлол» баргардам. Ҳоҳиши бозӣ дар Лигаи қаҳрамонҳои AFC бештар буд.

Саттор Қувватов:

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТ ИҶРО НАШУД!

## Ё чанд монеа барои омода кардани мутахассисони забони имову ишора

**Забони имову ишора ва норасоиҳои сурдотарҷумонҳо аз ҷумлаи мушкилиҳои ҷомеа, махсунан ношунавоён маҳсуб меёбад. Доир ба ин масъала бо Саттор Қувватов, муовини директори Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ношунаво дар ноҳияи Рӯдакӣ, устоди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамсуҳбат шудем.**





*Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми боздид аз Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ношунаво дар ноҳияи Рӯдакӣ*

**- Солҳои охир шумораи одамоне, ки мушкилоти шунавоӣ доранд, рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Вазъи ба таълим ҷалб кардани ин гурӯҳи имконияти маҳдудошта чӣ гуна аст?**

- Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки аз теъдоди умумии кӯдакони ношунаво ҳамагӣ 25-30% ба таълим фаро гирифта мешаванду халос. Вале омори солҳои охир умедворкунанда аст. Агар дар муқоиса гирем, соли 2018 теъдоди ҷалби кӯдакони ношунаво ба мактабҳои махсус 1112 нафарро ташкил мекард, ки ин рақам дар соли 2022 ба 1245 нафар расидааст.

**- Барои ҷалби онҳо ба таълим чӣ ва ё кӣ монеа эҷод мекунад?**

- Вақте кӯдак ношунаво ба дунё меояд, духтур волидайнро умедвор мекунад, ки эҳтимол шунавоии кӯдак барқарор мешавад. Бештари волидон ба ин умед кӯдаконашонро ба таҳсил намедиҳанд. Вале бояд духтурон фаҳмонанд, ки кӯдакони ношунаворо дар баробари табобати муосир аз таълими махсус манъ накунанд.

**- Солҳои пеш дар телевизион сурдотарҷумонҳо фаъолият доштанд ва хабарҳоро бо забони имову ишора ба ношунавоён мерасониданд. Ҳоло ин чиз қариб ки дида намешавад. Сабаб чист?**

- Мушкили сурдотарҷумон дар Тоҷикистон яке аз мушкилиҳои калидӣ аст, зеро дар кишвар мутахассис тайёр карда намешавад. Феълан, дар Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мо сурдопедагогҳоро омода мекунем, ки онҳо омӯзгор мешаванд, на тарҷумон. Тақрибан як сол мешавад, ки навиди ТВ "Сафина"-ро (соати 15:00) рӯзҳои сешанбе, чоршанбе, панҷшанбе ва ҷумъа ман ва як шогирдам пешкаши ношунавоён мекунем. Дар телевизиони "Баҳористон" низ барномаеро барои ношунавоён тарҷума карда истодаем.

**- Шумо солҳои охир миёни қишрҳои гуногуни аҳолӣ семинару тренинг мегузаронед. Онҳо чӣ натиҷа доданд?**

- Бале. Мо кормандони тиб, хифзи ҳуқуқ, иҷтимоӣ ва маорифро каме ҳам бошад, забони имову ишора омӯзонида истодаем, чунки вақте ба онҳо ношунаво муроҷиат мекунад, бояд дар мадди аввал тавонанд фикри муроҷиаткунандро фаҳманд ва ба ӯ ёрии аввалини тиббӣ ё ҳуқуқӣ расонанд. Илова бар ин, пешниҳоди ман ин аст, ки омӯзиши забони имову ишораро дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ҳам ба роҳ монанд.

**- Сабаби норасоии сурдотарҷумонҳо дар кишвар чист?**

- Ҳар сол факултаи сурдопедагогии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон 13 нафар донишҷӯ қабул мекунад ва то курси панҷум аз ин шумора ҳамагӣ 3-4 нафар мемонаду халос... То имрӯз 113 нафар ин ихтисосро хатм карданд. Соли 2010 дар мактаб-интернати ношунавоёни ноҳияи Рӯдакӣ се сурдопедагог буд, ҳоло теъдоди онҳо ба 30 нафар расидааст...

**- Шумо таҷрибаи 32-солаи корӣ дар ин самт доред, муассиси Маркази кӯдакони ношунаво ва Маркази кор бо волидайни ношунавоёнед, ҳафт китоб навиштед, даҳҳо барнома таҳия кардед, вале унвон надоред. Чаро?**

- Давоми фаъолиятам се бор бо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воҳӯрдаам. Соли 2019 буд. Ҷаноби Олӣ баъд аз анҷоми боздидашон аз мактаб-интернати мо вақте ба мошин менишастанд, аз ман пурсиданд: "Чанд сол аст, ки дар ин самт кор мекунӣ, зеро ҳар вақте ба инҷо меоям, туро мебинам?". Ҷавоб додам, ки 30 сол боз фаъолият дорам. Боз пурсиданд, ки унвони давлатӣ дорӣ? Чун посух додам, ки ҳеҷ мукофоту унвон надорам, Ҷаноби Олӣ чанд нафарро даъват карда, супориш доданд, ки маро ба мукофоти давлатӣ пешниҳод кунанд. Ҳатто сарзаниш карданд, ки ин қадар сол кор мекунаду қадршиносӣ нашудааст. Ҳуҷҷатҳояшро омода кунед, ман имзо мекунам гуфтанд, вале ин масъулин маро дигар суроғ накарданд.

**- Барои беҳтар гардонидани самти фаъолияти хеш чӣ пешниҳод доред?**

- Пешниҳод дорам, ки барои омода кардани сурдопедагогҳо ва сурдотарҷумонҳо дар назди Донишгоҳи забонҳо ё Донишгоҳи омӯзгорӣ факулта ташкил карда шавад. Зеро оморҳои охир нишон дод, ки дар кишвар зиёда аз 30 ҳазор ношунаво зиндагӣ мекунанд.

**Суҳбаторо:**
**Маҳинаи ДАВЛАТ**

*Аз нишасти матбуотӣ*

## 36 НОБОЛИҒ ХУДКУШӢ КАРДУ 225 НАФАР ҶИНОЯТ



**Соли 2022 дар вилояти Хатлон 36 хонандаи муассисаҳои таълимӣ даст ба худкушӣ задаанд. Ин омор дар соли 2021-ум 38 ҳолат будааст.**

Ғазалшоҳ Сафарзода - сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки аз 36 ҳолати худкушии ноболиғон 18 нафар писар ва дар 18 ҳолати дигар духтарон даст ба худкушӣ задаанд. Ӯ сабабҳои даст ба худкушӣ задани ноболиғонро бемории руҳӣ ва муноқишаи оилавӣ гуфт.

"Аз ҳама бештар дар панҷ ноҳияи вилояти Хатлон худкушии ноболиғон ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ панҷ нафар, Дӯстӣ ду нафар, Данғара ду кас, Вахш ду нафар ва Қубодиён ду ҳолат мебошад",- афзуд ӯ.

Сафарзорда гуфт, ки дар соли 2022 аз ҷониби ноболиғон 225 ҷиноят содир шудааст. Аз ҷамъи умумии ҷиноятҳои содиршуда аз ҷониби ноболиғон 66 дарсадро ҷинояти дуздӣ ташкил медиҳад.

## ДБЗХТ ҲАМ ИХТИСОСИ РӮЗНОМАНИГОРӢ МЕКУШОЯД



**Дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 22 ихтисоси нав ташкил мешавад.**

Ректори донишгоҳ Жило Гулназарзода зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки 16 ихтисоси нав дар зинаи бакалавр ва боқимонда дар зинаи магистратураву докторантура хоҳанд буд. Яке аз ихтисосҳои нав дар самти рӯзноманигорӣ мебошад.

Инчунин, зикр гардид, ки дар донишгоҳ барои маъюбон имтиёзҳо дода мешавад. 14 нафар донишҷӯёни гуруҳҳои гуногуни маъюб аз шартномаи донишгоҳ озод карда шудаанд.

- Ҳар моҳ ба донишҷӯёни ятиму нимятим дар донишгоҳ нововбаста аз идрорпулиашон 250 сомонӣ аз тарафи раёсати донишгоҳ кумак карда мешавад,- зикр гардид дар нишасти матбуотӣ.

Ректор иттилоъ дод, ки сафи хориҷиён дар донишгоҳ афзуда ба 586 нафар расидааст.

## МАҚСУДЗОДА: БЕШ АЗ 5 МЛН МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ ПАРДОХТЕМ



**Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксуғурта" ба шахсони ҳуқуқию воқеие, ки ба молу амвол ва ҳаёту саломатиашон зарар расидааст, дар соли 2022 дар ҳаҷми 5 миллиону 878 ҳазор сомонӣ маблағи суғуртавӣ пардохт намудааст.**

Дар ин бора директори корхонаи мазкур Шухрат Мақсудзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод. Ба гуфти номбурда, дар соли сипаригардида "Тоҷиксуғурта" бо шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар маҷмуъ 565 ҳазору 922 адад шартномаи суғуртавӣ ба имзо расонидааст.

Қайд карда шуд, ки аз ҳисоби шартномаҳои басташуда ба корхона 40 миллиону 838 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардида, иҷрои нақшаи солона 125,3 дарсад таъмин карда шуд. Аз шумораи умумии шартномаҳои басташуда ба маблағи 37 миллиону 446 ҳазор сомонӣ, яъне 91,7 дарсад маблағи умумии воридгардида ба шакли ихтиёрии суғурта рост меояд.

# 3 РОҲИ ОСОНИ ТАБОБАТИ КАМХУНӢ



**Духтарам ба бемории камхунӣ гирифтор аст. Нав ба шавҳар баромад. Мегӯяд, ки аз камқувватӣ аз ӯҳдаи кору бори хонаи шавҳар намебарояд. Аз табиби мардумӣ Садриддиншоҳ Насриддиншоев хоҳиш мекунем, ки усулҳои халқии табобати камхуниро нишон диҳанд.**

**Соҷида САТТОРОВА, шаҳри Турсунзода**

**ПОСУХИ ТАБИБ:**

- Айни замон мо чанд давои оддиро тавсия медиҳем, ки камхуниро бартараф менамоянд, вале духтаратонро бояд аз ташхис гузаронида, сарчашмаи бемориашро аниқ намоед, зеро камхунӣ паёмади ягон касалии дигар буда метавонад. Сарчашмаи касалиро ёфта, табобат накунед, бемории баъди чанд вақт метавонад аз нав хуруҷ намояд. Инак, чанд нусха чиҳати табобати камхунӣ.

**ЯКУМ.** Ним килограмм себ, ним кило лаблабуи сурх ва ҳамин миқдор сабзиро аз мошинаи мевачабак гузаронида, ба шарбати ҳосилшуда як пиёла асалро илова намоед. Шарбатро нағзакак якҷоя карда, рӯзе 3 маротиба 20 дақиқа пеш аз хӯрок яккошуқӣ нӯши ҷон намудан лозим. Мо инро дар таҷриба санҷида, боварӣ ҳосил намудем, ки дар бадали як моҳ камхуниро пурра бартараф менамояд.

**ДУЮМ.** Як пиёла ҷавро нағзакак шуста, дар якуним литр об муддати 10-15 дақиқа биҷӯшонанд ва бо каме асал ширин карда, рӯзе 2-3 маротиба як пиёлагӣ бинӯшанд, камхуниро даво мебахшад.

**СЕЮМ.** Настаран (хуч) барои касоне, ки ба камхунӣ мубтало гаштаанд, беҳтарин давост. Одам ҳар бегоҳ 3 кошуқ хуҷро дар термос андохта, аз болояш ним литр оби ҷӯшомада резаду рӯзона кам-кам ин обро бинӯшад, худро бардам эҳсос хоҳад кард.

# МАҲСУЛОТИ ХАТАРНОК БАРОИ ҒАДУДИ ЗЕРИ МЕЪДА

**Бисёриҳо аз бемории ғадуди зери меъда ранҷ мекашанд. Вале фикр намекунанд, ки таомҳои ҳаррӯзаи мо ангезандаи ин бемории мебошанд. Мо ба онҳое, ки аз бемории ғадуди зери меъда ранҷ мекашанд, се маҳсулотеро ном мебарем, ки истеъмоли онҳо хатарнок аст.**



1. **МАНДАРИН**. Мандарин ба рӯдаи дувоздаҳангушта ворид шуда, луобпардаро ба таври ҷиддӣ зарар медиҳад, ғадуди зери меъда ва пуфакро барои чудо кардани миқдори зиёди ферментҳо ҳавасманд мекунад.



2. **ХӮРИШИ КАРАМ**. Дар ин маҳсулот хавфи калонтарин кислотаи лактикӣ - метаболити асосии бактерияҳои кислотаи лактикист. Ва карам ҳар қадар бештар фермент карда шавад, туршӣ ҳамон қадар бештар мешавад. Чунин омехта барои микрофлораи рӯдаю меъда муфид аст, аммо ғадуди зери меъда бешубҳа инро дӯст намедорад.



3. **ЧОРМАҒЗ.** Чормағз меваи нодир аст. Он дорои рух, йод, кислотаҳои равғани омега-3 ва равғанҳои солим дар шакли оптималии барои ассимилятсия (махсусан чормағз аз омега-3) бой мебошад.

Барои ғадуди зери меъда миқдори равғани таркиби панҷ дона чормағз метавонад бори вазнин гардад. Захираҳои бадани мо хеле зиёданд ва бори аввал гумон аст, ки чизе рӯй надиҳад, аммо солҳои панкреатити музмин узвҳои нозукро ба таври назаррас заиф мекунад.

Аз ин рӯ, дар ҳама чиз бояд меъёрро нигоҳ дошт, то ки ғадуди зери меъда солим бошад.




# Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

*Вақте расидааст, ки имкониятҳои мусоидро ба фоидаи худ истифода баред. Вақти худро беҳуда сипарӣ накунед, айни замон мушкилоти сарзадаро бо осонӣ рафъ намудан имконпазир мегардад. Рӯзи ҷумъа дар ҷои кор каме муноқиша имкон дорад, вале он ба зудӣ роҳи ҳалли худро меёбад.*



**Савр**
**21.04 - 21.05**

*Ҳафтаи нав бароятон чандон бобарор нест. Мушкилоти оилавӣ боиси сарф кардани тамоми маблағи ҷамъкардаатон мегардад. Агар оиладор бошед, хабари фарзанддор шудан табъатонро болида месозад. Рӯзи ҷумъа яку якбора чанд манбаи нави даромад пайдо мешавад.*



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

*Дар ин ҳафта метавонед сифатҳои тиҷоратии худро, ки ба муваффақияти касбӣ таъсири мусбат мерасонанд, хеле муфид муаррифӣ кунед. Дар ҳоле, ки шумо ба ҳама маслиҳат медиҳед, барои ҳаёти шахсии худ вақт намеёбед.*



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

*Ин ҳафта вақти худро беҳуда сарф накунед. Бо дастовардҳои худ иктифо накунед, далерона аз пайи ба даст овардани комёбиҳои бештар шавед. Айни замон аз даъвати яке аз дӯстон ё зиёфати ҳамкорон даст накашед, дар чунин нишастҳо вақти худро хеле хуш мегузаронед.*



**Асад**
**23.07 - 22.08**

*Дар ин ҳафта ба вазъи саломатӣ диққати бештар диҳед, ба духтур муроҷиат намуда, тамоми узвҳои ҳаётан муҳимро пурра аз ташхис гузаронед. Аз ҳад зиёд ба кор дода нашавед, давомнокии хобро зиёд кунед. Танҳо бо ҳамин роҳ аз хастагӣ халос шуда метавонед.*



**Сумбула**
**23.08 - 22.09**

*Ҳафтаи оянда ҳаётатон пурмазмун мегардад. Аз гуфтани асрори худ натарсед, дӯстон ва ҳамкорон ҳама чизро махфӣ нигоҳ медоранд. Бо роҳбари худ дар робита шуда, баъзе мушкилотеро, ки солҳои охир дар ҷои кор ҷамъ шуда буданд, ҳал мекунед.*



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

*Давоми ҳафта хеле серкор мешаведу бар заммин ин, бояд аз вазъи хонавода ҳам бохабар бошед. Корҳои шахсӣ ва касбӣ аз ҷониби шумо таваҷҷуҳи зиёдро талаб мекунанд, вале ба чунин суръати кор ва ташвишҳо омода набуданатон эҳсос мегардад.*



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

*Дар ин ҳафта аз худ чизҳои ғайриимконро талаб накунед. Агар ба наздикӣ ба таҳияи лоиҳаи тиҷорати шахсии худ шуруъ карда бошеду аз он фоида ба даст наоред, ғамгин нашавед. Дар ҳаёти шахсиатон ба ягон мушкилот дучор намешавед.*



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

*Нимаи аввали ҳафтаро ба ҳалли масъалаҳои таъхирнопазир бахшед. Қобилияти шумо барои дарёфти роҳҳои дақиқ метавонад хеле муфид бошад. Дар бораи як қадами масъулиятнок ба зинапояи мансаб фикр кунед, аз эҳсосоти нолозим халос шавед, онҳо метавонанд монеа шаванд.*



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

*Шумо дар ин ҳафта ба маслиҳати шахси оқилу дурандеш ниёз доред. Мушкиле сар мезанад, ки барои ҳалли он хеле майна об мекунед. Ҷои кори хубу даромадноке пайдо мекунед, вале андешаи он ки оё бо коллективи нав созиш карда метавонед ё не, шуморо ором намегузорад.*



**Далв**
**21.01 - 19.02**

*Ба ҳар коре, ки даст мезанед, барои муваффақ шудан кӯшиш кардаатон лозим меояд. Барои он ки даромади бештар ба даст оред, дар ҷои кор вақти бештари худро гузаронидаатон лозим меояд. Хастагиятон чунон зиёд мешавад, ки ҳатто дар хона ҳам истироҳат карда наметавонед.*



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

*Тарзу усулҳои корро мулоҳиза намуда, оқилона ба роҳ мондан лозим аст. Кӯшиш кунед, ки нерӯи худро ба ташвишу ваъдаҳои хушку холӣ сарф накунед. Хеле муҳим аст, ки худро аз ҳад зиёд бо кор хаста накунед. Дар оила низову ноумедӣ ва ранҷишҳо имконпазир аст.*

# ДАРГУЗАШТИ ГАНҶИ “ГАНҶИНА”

**Субҳи 8-уми феврали соли равон қалби ситораи дурахшони санъати тоҷик, устоди ҳунар, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Чилахон Холов аз тапидан бозмонд. Сароянда мумтоз тайи ним соли охир аз бемории саратон ранҷ мекашид.**



Марги Чилахон Холовро аҳли санъати тоҷик талафоти калон арзёбӣ мекунанд.

Чилахон Холов 22-юми декабри соли 1957 дар деҳаи Кангурти ноҳияи Темурмалик таваллуд шудааст. Факултаи физикаи Университети давлатии Тоҷикистонро соли 1980 хатм кардааст. Дар баробари таҳсил мудом дар маҳфилу шабнишиниҳо овозхонӣ мекард ва узви фаъоли ансамбли «Наврӯз»-и назди донишгоҳ буд. Ахиран муҳаббат ба ҳунару мусиқӣ баъди хатми донишгоҳ ӯро ба Филармонияи давлатии Тоҷикистон овард.

Соли 1986 дар назди Филармонияи давлатии Тоҷикистон ансамбли фолклорӣ-этнографии «Ганҷина» таъсис ёфт, ки роҳбарии онро Зафар Нозим ба уҳда дошт. Бар асоси озмун ва дарёфти баҳои баланди ҳайати доварон вориди ансамбл шуд. Нахустин сабти Чилахон Холов бадеҳа ё дуэти «Бозубандамро бидеҳ» буд, ки барои ин овозхони он вақт ҷавон шуҳрати саросарӣ овард.

Солҳои 1980-1991 сарояндаи Филармонияи давлатии Тоҷикистон, 1991-2002 роҳбари ансамбли фолклорию этнографии «Ганҷина», 2002-2003 роҳбари бадеии ансамбли давлатии «Фалак», 2003-2005 директори дастаҳои ҳунарии Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ, аз соли 2005 роҳбари гуруҳи эҷодии ТВ «Сафина» ва баъдан роҳбари “Кохи Ҷомӣ” буд. Ҳунарманд солҳои охири умраш дар ягон муассиса кор намекард. Вале пайваста эҷод мекард ва ҳамасола сурудҳои нав ба наваш пешкаши мухлисон мегардид.

Солҳои аввал бештар ба таронаҳои халқӣ таваҷҷуҳ намуда, «Кадудона», «Фалак», «Қошуқтарош», «Ҳамида мӯи сиёҳ» барин сурудҳои дилнишинро пешкаши мухлисон кард. Минбаъд ба ашъори шуарои пешину муосир муроҷиат намуд, дар ҳавои оҳангҳои хеш «Тарки соғар», «Рӯи ту», «Муборак бошад», «Ёди Ватан», «Шаби борон», «Сад умед», «Бачагӣ», «Омад хазон», «Саломат мекунам» барин сурудҳо эҷод кард, ки писанди умум афтоданд. Ба Ҳиндустон, Ирок, Голландия, Русия, Фаронса ва дигар давлатҳо сафари ҳунарӣ анҷом дода, санъати тоҷикро муаррифӣ кардааст.

# ҶОИЗА МУҲИМ НЕСТ, ВАЛЕ ОН НЕРӮ МЕБАХШАД!

**(Аввалаш дар саҳ.9)**

Ҳоло бошад, ба навиштани детектив машғулам. Фаҳмидам, ки кори осон нест. Боз бароям афсона марҳами дил шуд.

**- На ҳар адиб барои бачаҳо ва калонсолон навишта метавонад. Дар навиштаҳои худ фарқ мегузоред?**

- Фарқе намегузорам. Вале на ҳар чизе, ки барои калонсолон навишта мешавад, барои кӯдакон мувофиқ аст. Барои диққати хурдсолонро ҷалб кардан бояд худат аз нав кӯдак шавӣ. Бояд солҳои бачагиатро ба ёд орӣ. Худро ба ҷои кӯдак гузорӣ.

**- Тасвир ва ороиш дар китоби кӯдакона чӣ аҳамият доранд?**

- Аҳамияти бузург дорад. Зеро кӯдакон он чизеро мехонанд, бояд тасаввур кунанд. Мушоҳида кардам, хеле рассомҳои хубе дорем, ки китобҳоро барои кӯдакону наврасон хеле зебо наққошӣ мекунанд.

**- Дар адабиёти тоҷик асарҳои фантастикӣ хеле каманд. Шумо дар ин жанр ҳам асар эҷод намудед. То куҷо муваффақ гаштед?**

- Мехоҳам дар ҳамаи жанрҳо худро санҷам. Ҳоло асари детективӣ навишта истодаам. Бароям хеле мушкил аст. Вале кӯшиш карда истодаам.

**- Оё замону макони муайян доред барои эҷод?**

- Замон - шабҳои бехобӣ. Макон - ҳар ҷое, ки азизонам бошанд, мизи корӣ ва компутер. Асарҳоямро дар шаҳрҳои гуногун навиштам - Душанбе, Лондон, Москва, ҳоло дар Дубай.

**- Дар интиҳои чанде аз китобҳои шумо андешаҳои хонандаҳо оварда шудааст. Андешаи хонанда бароятон муҳим аст?**

- Албатта. Ман танҳо барои худам наменависам. Бароям муҳим аст, ки хонандагон дар бораи навиштаҳоям чӣ фикру андеша доранд. Пеш аз он ки китоб чоп шавад, онро дар саҳифаҳои интернетӣ мегузорам. Хеле бароям муфид аст. Хонандагон фикру андеша ва баъзан ислоҳхоишонро бароям менависанд.

**- Зиёд сафар мекунед. Оё бо худ китоб мегиред? Агар ҳа, пас кадом китобро?**

- Бе китоб умуман зиндагиро тасаввур карда наметавонам. Вале ҳар бор китобҳо гуногунанд. Аз бачагӣ ин одат шудааст. Мо дар хона дусадҷилдаи Адабиёти ҷаҳониро доштем. Падарам мегуфтанд, ки беҳтарин ганҷ китоб аст. Ҳоло ки детектив менависам, зиёдтар Конан Дойл ва Агата Кристиро такроран мехонам. Вақте асари саҳнавиро менавиштам, Антон Чеховро мутолиа мекардам. Вале китобе, ки бароям ҳамешагист, “Маснавии Маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ аст.

**Мусоҳиб:**
**Сайидо ШАРАФӢ**

### Маълумотнома

*Гулсифат Шаҳидӣ - насрнавис, адабиётшинос ва рӯзноманигори тоҷик. Ҳамсари оҳангсоз Толиб Шаҳидӣ. Дар асоси китобҳои Гулсифат Шаҳидӣ дар Лондон, Маскав, Душанбе, Ню-Йорк, Вашингтон, Нурсултон, Минск, Брюссел, Стокҳолм, Калининград, Суворов ва дигар шаҳрҳо шабҳои адабӣ ва эҷодӣ баргузор шудаанд. Узви Иттифоқи нависандагони Русия ва Гилдияи эҷодии Авруосиё мебошад. Китобҳои ӯ - “Афсонаҳои Гулсифат-бибиҷон”, “Офтобхон”, “Аҳриман”, “Шаҳри ормонҳои сабз” бо забонҳои гуногуни олам нашр шудаанд. Гулсифат Шаҳидӣ барандаи чандин ҷоизаҳои адабии байналмилалист.*

## Мавлуднома

**• 9 ФЕВРАЛ •**

**Раҷабмоҳ Қосимова** (1953), 70-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи сиёсатшиносӣ.

**Қаробой Наимов** (1923-1982), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Ислом Саидов** (1958), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Тоҷӣ Султонова** (1918), 100-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**• 10 ФЕВРАЛ •**

**Рақиб Абдулҳаев** (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Абдумаҷид Замонов** (1933-2004), 90-солагии зодрӯзи журналист.

**Маҳмадраҳим Каримов** (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи меъморӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Олимҷон Набиев** (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Қурбон Содиқов** (1948), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Гулмурод Ҷонов** (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Саҳобиддин Эшматов** (1938), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

**• 11 ФЕВРАЛ •**

**Теша Раҷаб** (1938-2012), 85-солагии зодрӯзи нависанда.

**Саидаҳмад Хоҷаев** (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Валерий Чалкин** (1938), 85-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**• 12 ФЕВРАЛ •**

**Абдуқаҳҳор Абдуғаффоров** (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Розия Одилбекова** (1938), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

**Алефтина Полякова** (1933), 90-солагии зодрӯзи актрисаи балет, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Ҳамдам Рофиев** (1938), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**• 13 ФЕВРАЛ •**

**Абдулҳафиз Қодиров** (1948), 75-солагии зодрӯзи актёр ва режиссёр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Елена Мотилёва** (1943), 80-солагии зодрӯзи кинорежиссёр.

**Гулрӯз Наврӯзов** (1928-2005), 95-солагии зодрӯзи доктори илми таърих.

**• 14 ФЕВРАЛ •**

**Нурмуҳаммад Аҳмадов** (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Зокир Аюбҷонов** (1913-1959), 110-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Лес Колесов** (1908-1971), 115-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Эшонқул Маҳкамов** (1933), 90-солагии зодрӯзи журналист.

**• 15 ФЕВРАЛ •**

**Анвар Furобоҷонов** (1948-2011), 75-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Юсуфҷон Бобоҷонов** (1933), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Турсунбой Неъматов** (1933-1985), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Амиршои Раҳим** (1953), 70-солагии зодрӯзи шоир.

**Олга Сухарева** (1903-1983), 120-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

**Умарҷон Юлдошев** (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

**Раиса Юрина** (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,**
**кормандони Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон**

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ
...

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи нафақавии №12301, ки онро шуъбаи нафақаи РМИ ВКД ҶТ ба Раҷабов Мухридин Дулоевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0920575, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ба номи Ф. Зарипови ноҳияи Рӯдакӣ соли 2021 ба Назаров Исроил Гадоалиевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи даҳуми Т-ШТА №445289, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ба номи Ф. Зарипови ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ МТМУ №18-и ноҳияи Ленинский) соли таҳсили 1975-1976 ба Чулпанова Кория додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи хавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, маҳаллаи Қаротегин, гузаргоҳи панҷуми кӯчаи Есенин, хонаи 20 ба номи Шамсуддинова Махсарби бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Ҳуҷҷатҳои гумшудаи Ташкилоти ҷамъиятии “Меҳрвар” аз эътибор соқит дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми А №332655, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ба номи Р. Шарипови ноҳияи Темурмалик соли таҳсили 1995-1996 ба Юсупова Мукарамма додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, дуюм гузаргоҳи кӯчаи Саноат, хонаи 16 ба номи Курбонов Жумабек бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А00021880, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Сино 30.09 соли 2014 ба Наҷмидинов Абдураҳмон Абдусаторович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А02913744, ки онро ШВКД-и ноҳияи Кушониён 03.01 соли 2020 ба Уматкулова Фируза Хусаинжоновна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01614436, ки онро ШММ Вахон ШВКД-и ноҳияи Ишкошим 05.11 соли 2018 ба Додихудоев Шокир Наврузмамадович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0005084, рақами қайд №17921, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон соли 1999 ба Бороншоев Кишвар Хуҷасаидович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01193620, ки онро ШВКД-2 ноҳияи Рӯдакӣ ба Кароматзода Меҳрангез Саидхон додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи даҳуми БП №976232, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 1983 ба Буриева Зебогуль Душановна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми ГТС №0033497, ки онро муссисаи таҳсилоти миёнаи умумии №88-и ноҳияи Сино соли 2002 ба Салимова Фарзона Талбаковна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши таҳти феҳристи №8Ш-5315 аз 02.11 соли 2012 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Борбад 97, хуҷраи 24 ба номи Менглиева Гулдаста Холбобоевна бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 1Ш-1623, ки онро Саридораи нотариалии давлатии ҶТ 22.10 соли 2002 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи чоруми кӯчаи Айнӣ, хонаи 1, хуҷраи 8 ба Ҷалолов Собирҷон Ҷамолович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳуқуқ ба мерос таҳти феҳристи 7Н.385. рақами 377, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 05.09 соли 2003 ба Нажмудинов Шер Сулаймонов додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи Н-31 аз 16.02 соли 1989 кори мероси рақами 24/1989, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода бо суроғаи шаҳри Турсунзода, кӯчаи Калинин, хонаи 19/12 ба Расулова Гулбиби додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи умумишаҳрвандии Усмонкулова Дилноза Исакчановна, санаи таваллуд 21-уми сентябри соли 1989, ки аз тарафи ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дода шудааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Сайфудинов Муҳаммадхон, РМА: 127566029, РЯМ: 0331432549, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ, ки онро Коллеҷи тиббии ғайридавлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси якуми факултаи кори ҳамширагии баъди синфи 9 Давлятов Раҳмонали додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ҶТ №0083655, ки онро Литсейи касбии хизмат ва туризм 04.07 соли 2016 ба Давлатов Шоҳин Яҳёевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Чашмасор ба номи Зихиров Идибек Саидович бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва Иқтибос ХД Хуршед 2007, РЯМ: 0730014643, РМА: 075465385, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 05.04 соли 2010 ба Меликов Ташпулат Кенчаевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Аббосова Ёдгорхон Маъруфжоновна, РЯМ: 0730208291, РМА: 07643310, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 04.10 соли 2019 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А00598643, ки онро ШШМ ШВКД-1 ноҳияи Сино 26.07 соли 2016 ба Тиллоева Фарангис Изатуллоевна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 8Д.52, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 14.01 соли 2000 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳисор, бинои 15.х15 ба Махмудова Зубайда Жабборовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартомаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 8Ш-2215, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 07.05 соли 2007 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Махсум, хонаи 82, хуҷраи 32 ба Шарифова Миҷгона Мирзошарифовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01808894, ки онро ШВКД-2 ноҳияи Сино 18.03 соли 2019 ба Расулов Сиёвуш Насриддинович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

## ТАСҲЕҲ

Дар саҳифаи 4-и шумораи гузаштаи ҳафтаномаи “Тоҷикистон” (№5 (1516) аз 01.02.2023) иштибоҳан ба ҷойи акси Илҳом Оймаҳмадзода - сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аламшозода Абдураҳмон Аламшо чоп шудааст.

**Ҳафтаномаи “Тоҷикистон” аз ин шахсиятҳо узр мепурсад.**

## БАРҲАМ МЕХУРАД

► ҶДММ "Ломбарди Рамз", РЯМ: 0310018354, РМА: 030029815 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Модарнома", №0257673, РЯМ: 0310014953, РМА: 030025932 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Дурахши Душанбе", №0266310, РЯМ: 0110019965, РМА: 010095003 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Юсуф 2008", РЯМ: 0910005892, РМА: 090011450, ки 29.09.2011 дар шаҳри Ҳисор ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

**JOB VACANCIES**

U N D P

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **National Coordinator (Job ID: 8238/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 21 February 2023 (09:59 AM TJK time)**
- **Project Analyst (Trade Policy Specialist) (Job ID: 8314/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 21 February 2023 (09:59 AM TJK time)**
- **Project Analyst (Value Chains Specialist) (Job ID 8313: /NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 23 February 2023 (09:59 AM TJK time)**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website** https://www.undp.org/tajikistan/jobs

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

## Судоку

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 9 | | |
| | 8 | 6 | | 7 | | | | 4 |
| 3 | | | 1 | | | | 2 | |
| | 4 | | | | 1 | | | 7 |
| 5 | | | 2 | | | | 3 | |
| | | | | 4 | 8 | | | |
| | | | | 6 | 7 | 1 | | |
| 7 | | | | 5 | | 3 | 6 | |
| | | | 9 | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | | 1 | | | 6 | | | |
| | | | | 9 | | 1 | 4 | 3 |
| | | 2 | | | | | | 7 |
| | | | 5 | | | 4 | | 1 |
| | | 9 | 8 | | 3 | | 5 | |
| 7 | 5 | | | | 2 | | | |
| 4 | | 6 | | 8 | | 2 | 1 | |
| 2 | | | | | | 8 | | |
| | | 3 | | | | | | 9 |

## Лабиринт



## 10 фарқиятро ёбед





Давлат дар Осиё
Баёни аҳвол
Баҳои панҷ
Сухан, гап, гуфтор
Пешмузд
Шаҳр дар Италиё
Ихтиёр, лаҷом
Ҳайвони боркаши биёбон
... Новикова, артисти ширинкор
Сад (бо русӣ)
Ттобеъ
Ҳамсари мард
Командаи ковбойҳо
вайрона, хароба
Димоға дар Португалия
... Турсунзода, нависанда
Иззату ...
Иёлот дар Амрико
Чашм, чашми маҳбуба
Муҳаррик
Сози мусиқии камончадор
Асъори миллии Чехия
Воҳиди пули Албанийё
Ҷовидон будан дар гузашта
Ороиш, зинат, зеб
Банда, ғулом
Калиди автоматӣ
Масолеҳи бинокорӣ
Роман Р. Тагор
Номи мардона
Майдон, саҳна
Дарё дар Украина
Шаҳри тиҷоратӣ дар Русия
Бибӣ (лаҳҷ.)
Сутун, поя
Шаршара дар сарҳади Аргентина ва Бразилия
Шабакаи ТВ «...-Планета»
Ифлос
"Бархез дило, ки ... бар ... занем" (У. Хайём)
Паррандаи мисли булбул хушовоз
Таълимгоҳи толибон
Балои ҷон
Ба ҷо овардани ваъда
Моеи хушбӯй
Мева
Тамғаи одеколон
Сеҳр, афсун, чашмбандӣ

### Насаб

Мард аз зане, ки ҳамаи фарзандонаш номҳои якхела доранд, суол мекунад:

- Хонум, шумо вақте фарзандони худро ҷеғ мезанед, чӣ гуна мефаҳманд, ки кадомашро дар назар доред?

Зан дар ҷавоб:

- Хеле оддӣ, ман онҳоро бо насабашон фарёд мекунам.

### Лаҳзаи истироҳат

Марде аз рафиқаш мепурсад:

- Гӯш кун, ту миёнаи рӯз имкони истироҳат кардан дорӣ?

Рафиқаш мегӯяд:

- Бале, занам баъди нисфирӯзӣ қариб як соат хоб меравад.

Мард ҳайрон шуда:

- Ман занатро не, худатро пурсидам.

Рафиқаш мегӯяд:

- Гап сари он аст, ки вақте занам хоб меравад, ман вақти истироҳат пайдо мекунам.




### Қошуқча

Ду рафиқ дар қаҳвахона нишастаанд.

- Ман пай бурдам, ки ҳар одам як рафтори ғайриоддӣ дорад,- мегӯяд якеаш.

- Ман ягон рафтори ғалатӣ надорам,- мегӯяд дуюмӣ.

- Албатта, ту ҳам чунин рафтор дорӣ,- исрор мекунад рафиқаш.

- Чӣ гуна рафтори ғалатӣ будааст?,- ҳайрон мешавад дуюмӣ.

- Тавре пай бурдам, ту чойро бо дасти ростат омезиш медиҳӣ.

- Хайр чӣ?

- Аксари одамон барои ин кор қошуқчаро истифода мебаранд,- мегӯяд рафиқаш.

### Раҳмати Худо

Ба марде занг зада, мегӯянд:

- Занатро сел бурд.

Мард мегӯяд:

- Ман аз аввал медонистам, ки борон раҳмати Худост!

### Чароғаки сурх

Писар аз падараш мепурсад:

- Дада, вақте чароғак сурх бошад, роҳро гузаштан мумкин аст?

- Мумкин аст, бачем. Фақат ҳангоми гузаштан дастонатро боло бардошта, гузар.

- Барои чӣ ин корро кунам, дада?

Падар мегӯяд:

- Барои он ки мурдашӯй майкаатро ба осонӣ бароварда тавонад.

### Ашки шавҳар

Фурӯшанда дар мағозаи ҷавоҳирот аз харидор мепурсад:

- Хоҳарҷон, барои чӣ ин пулҳои овардаатон ҳамааш тар аст?

Харидор мегӯяд:

- Апаҷон, шавҳарам вақти пул додан чунон гиря кард, ки пулҳо тар шуданд.

### Вафодор

Марде сагашро ба фурӯш мегузорад. Харидоре аз ӯ мепурсад:

- Сагатон солим аст?

- Солим!

- Боақл аст?

- Боақл,- мегӯяд соҳиби саг.

- Вафодор аст?,- боз мепурсад харидор.

- Чунон бовафо аст, ки бори панҷум аст ӯро мефурӯшам.

**Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА**

## Сканворд






### Селофан аз даруни нон

Рустам Азизов аз бозор нон харидорӣ карда, ба ҷои кор меравад. Дар корхона вақте нонро мешиканад, аз дохили он селофан мебарояд. Ӯ бо ҷаҳл ба Зиёвиддини Нурзод мегӯяд:

- Инро бинед, аз дохили нон селофан баромад. Магар чунин ҳам мешавад? Одами хеле хубам, вагарна ин нону ин селофанро ба даҳони фурӯшанда меандохтам.

- Нонро бо чанд сомонӣ харидӣ?,- мепурсад Нурзод.

- Бо ду сомонӣ.

Зиёвиддин хандида, мегӯяд:

- Ту мехостӣ бо ду сомонии додагиат линги гӯсфанд барояд?

### Рӯзи ошиқон кӣ бояд туҳфа гирад?

*(Бахшида ба рӯзи ошиқон)*

Имрӯз бо аксари онҳое, ки рӯ ба рӯ шудам, асосан бо як суол ба ман мурочиат карданд:

- Дар ин рӯз ба янга чӣ туҳфа кардед?

- Чаро маҳз дар ҳамин рӯз ва чаро маҳз бояд ба янгаатон туҳфа кунам?,- ҳайрон шуда, пурсидам.

- Чунки имрӯз рӯзи ошиқон аст, бояд ягон туҳфа гиред,- гуфт суолдиҳанда.

- Рӯзи ошиқон аст ё рӯзи янгаҳо?,- ба суолаш бо суол ҷавоб додам.

- Рӯзи ошиқон, албатта,- гуфт бо дилпурӣ.

Хандидаму гуфтам:

- Пас, туҳфаро бояд маъшуқаҳо гиранд, на янгаҳо.

### Ё шикам, ё сиёсат

Дар маҳфиле 2 нафарро ба мо муаррифӣ карда, гуфтанд:

- Инҳо раисанд.

- Агар ҳарду раис бошанд, пас чаро яке харобу дигаре фарбеҳ аст?,-пурсидам ман.

Шиноскунанда хандида, гуфт:

- Раис бояд ё шикам дошта бошад, ё сиёсат. Худо ҳардуяшро ба як кас намедиҳад.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**